# Ба дида нақши рӯи ту

ДУШАНБЕ
«ЭР-ГРАФ»
2018



ББК 84 тоҷик 7-5+63.5(2 тоҷик)+72,3
Б-12

Мураттибон
*Беҳрӯз Забеҳулло*
*Раҳматкарими Давлат*

Муҳаррир:
*Баҳриддин Мирзоев*

Масъули чоп
*Ҳайдаршоҳи Акбар*

**Ба дида нақши рӯи ту**. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. - 120 с.

Дар ин маҷмӯа таъзиянома, сӯгнома ва дидгоҳи донишмандон, равшанфикрон ва аҳли адаби Тоҷикистон ва хориҷ аз он дар бораи рехлати ҷонгудози устоди сухан ва падари шеъри навини тоҷик – Муъмин Қаноат гирдоварӣ шудааст.

ISBN 978-99975-67-66-6

© Б. Забеҳулло, Р. Давлат, 2018.

*Эй додгоҳи хокиён, эй осмони бекарон,*
*Танг аст ҳоли тоҷикон дар хоку зери хокдон!*

## ҶАҲОН АЗ НОМИ ТУ ПУР ГАШТУ ИН ҶОМИ ҶАҲОН ХОЛИСТ

Дар моҳи урдибиҳишт вориди олами хокӣ шуд ва дар урдибиҳишт ба сӯи минӯи анбарсиришт пар кашид. Тамоми зиндагиаш тимсоли рӯшани намойиши якрангию ягонагӣ буд. Ашъораш мизони вазну тамкин буд ва пиндору гуфтораш намоди хирадварзию яқин. Ғуруру шаҳоматаш баландтар аз Боми Ҷаҳон буду нубуғу рисолаташ мутаваҷҷеҳи ситойиши руҳи тасхирнопазири инсон. Ваҳдату ягонагӣ дар шеъру шахсияташ ҳамеша ҷорию сорӣ буд ва фуруду фарозаш ҷилваи зебое аз намойиши якрангӣ.

*Онро, ки сиришту хоку бунёд якест,*
*Дар қалбу забон хурӯшу фарёд якест.*
*Якрангию якрӯйӣ сифоти малаканд,*
*Чун омадану рафтани Устод якест.*

Рехлати устод Муъмин Қаноат – пири суханварони тоҷик ғайримунтазира набуд. Он ҷӣ моро ҳайратзада кард, вокуниш ва ибрози ҳамдардию ҳамраъйии мардуми тоҷик дар баробари ин талафоти бузург аст. Билофосила, баъд аз пахши хабари даргузашти он шоири озодаву озодандеш расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз паёмҳои таслият ва сӯгномаҳои саршор аз таассуфу таҳассур, муҳаббату ҳамдилӣ ва ибрози отифаву эҳсосот аз ҷониби қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ нисбат ба пиру муроди хеш лабрез шуд. Марги ин марди хирад, ки тамоми умри пурбаракати худро дар роҳи эҳёи арзишҳои миллию фарҳангӣ, бедории фикрӣ ва бозгашт ба асолати фарҳангию маънавии миллати тоҷик сарф кард, бори дигар зангӯлаи

ваҳдату ҳамдилиро ба садо даровард. Тоҷикон дар ҳар гӯшаву канори олам дар фироқи шоири баландовозаи хеш ашки ҳасрат рехтанд ва дар мотами ӯ бо аламу бо қалам сӯгворӣ намуданд. Дар зарфи се рӯзи набуди устод он қадар марсияҳои ҷонгудоз суруда шуд, ки дар ин аламномаҳо фироқи аз даст додани он падарсолори шеъри муосири тоҷик ба шеваи мухталиф ба тасвир кашида шудааст. Ин гуна баёни отифаву самимият ва ибрози ҳамдардию муҳаббат қалби хонаводаву шогирдон ва аҳли адабу фарҳанги тоҷикро дубора дилгарм кард. Аз ин рӯ, мутақобилан ба хотири посухгӯӣ ба эҳсосоти самимӣ ва отифии шумо нисбат ба пиру муроди хеш, хонаводаи устод, пайвандон ва шогирдони ӯ тасмим гирифтанд, ки ба унвони қадрдонӣ ва сипосгузорӣ аз ҳамаи он азизоне, ки дар рӯзи мусибат ҳамнафасу ҳамнишини мо буданд, сӯгномаҳои шуморо ҳамчун амонат дар шакли маҷмӯае гирдоварӣ ва ҳифзу нигаҳдорӣ намоянд. Дар интиҳо изҳори итминон дорем, ки ному хотираи устод дар қалби ҳамватанон ҳамеша зиндаву ҷовид хоҳад монд.

*Дар сӯги ту, эй сарвару солори сухан,*
*"Чашми ҳама чашмаи Ватан тар бошад".*





## ТАСЛИЯТИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Муъмин Қаноат дар рушди адабиёти муосири тоҷик хидмати шоистаеро ба анҷом расонида, солҳои зиёд ба ҳайси Раиси Иттифоқи нависандагон, Раиси Кумитаи ҷумҳуриявии муҳофизати сулҳ, муовини Раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, муовини Раиси Кумитаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият дошт.

Наслҳои гуногуни адибони тоҷик аз эҷодиёти саршор аз меҳру муҳаббати шоир ғизои маънавӣ гирифта, ба камол расидаанд.

Номи нек ва осори ватандӯстонаи Муъмин Қаноат дар хотираи мардум абадӣ боқӣ хоҳад монд.

## ПАЁМИ ТАСЛИЯТИ РАИСИ ИҶРОИЯИ ҲУКУМАТИ ВАҲДАТИ МИЛЛИИ АФҒОНИСТОН АБДУЛЛО АБДУЛЛО

Бо ибрози таассуф огоҳӣ ёфтем, ки Муъмин Қаноат, шоири шаҳир, нависандаи тавоно ва рӯзноманигори Тоҷикистон ба раҳмати Ҳақ пайвастааст.

Марҳум Қаноат аз зумраи шуаро ва нависандагони баландовозаи ҳавзаи забону адабиёти форсӣ аст ва аз худ осори боарзиш ва гаронбаҳое ба ҷо гузоштааст.

“Масъуднома”, достони “Гаҳвораи Сино”, “Ситораи Исмат” ва “Ҳамосаи дод” аз маъруфтарин дастнавиштаҳои марҳум Қаноат аст, ки ёди ӯро барои ҳамеша дар ҳавзаи муштараки забони форсӣ мондагор месозад.

Мардуми Афғонистон бо маҷмӯаи ашъори марҳум Муъмин Қаноат, бавижа “Масъуднома” ошноӣ доранд ва ба ҳамин далел аз хабари даргузашти ин шоири бузург бештар мутаассир гардиданд.

Ба намояндагӣ аз ҳукумат ва мардуми Афғонистон даргузашти марҳум Муъмин Қаноатро ба мардум ва фарҳангиёни Тоҷикистон, ба вижа хонаводаи ин шоири номовар таслият мегӯем ва аз худованди карим барои он марҳум ҷаннатро хосторем.





*Алесь Карлюкевич,*
*министр информации Республики Беларусь,*

## ПОЭТЫ НЕ УМИРАЮТ: МУМИН КАНОАТ ОСТАНЕТСЯ В ПАМЯТИ НАРОДА БЕЛАРУСИ

Печальная весть пришла и в Беларусь, Минск. Не стало великого поэта современности Мумина Каноата…

Личность этого исключительной мудрости человека и творца, несомненно, знакома читателям многих и многих стран на разных континентах. Начиная с первых своих стихотворных книг, мастер поэзии утверждал идеалы гуманистического мироздания, помогал читателям разных социальных групп верить в торжество добра и справедливости. Чуткий к горечи утрат, материнским переживаниям о своих сыновьях, не вернувшихся с полей сражений, Мумин Каноат создал легендарную поэму “Голоса Сталинграда”. Это произведение, написанное почти полвека назад, и сегодня будоражит сознание, заставляет осмысливать величайшие военные трагедии с сердечной тревогой. Великая Отечественная война, будучи всенародной войной за справедливость, против фашизма, против нацизма, как никакая другая война обрела свое особенное поэтическое лицо. Стихотворения и поэмы о Великой Отечественной, созданные Александром Твардовским и Константином Симоновым, Евгением Евтушенко и Михаилом Светловым, Михаилом Дудиным и Мустаем Каримом, Расулом Гамзатовым и Алимом Кешоковым, являются для меня мерилом гражданской ответственности человека перед всем обществом, перед будущими поколениями. Я сравниваю поэзию М. Каноата с творчеством народных поэтов Беларуси

Пимена Панченко, Аркадия Кулешова, Петруся Бровки, Нила Гилевича, Рыгора Бородулина – и вижу, что каким похожим является их сердечная боль за весь мир, какими похожими, близкими по существу являются найденные ими образы и символы человеколюбия.

На белорусский язык стихотворения М. Каноата переводил лауреат Государственной премии Республики Беларусь Геннадий Пашков. Статья о великом таджикском поэте вошла в восемнадцатитомную “Белорусскую Энциклопедию” на белорусском языке. Знаю, что Мумин Каноат приезжал в Минск, чтобы передать премию рабочих Нурекской ГЭС народному писателю Белароуси Василю Быкову.

Светлая память о Мумине Каноате останется в сердцах читателей Беларуси.

*Минск, 18 мая 2018 г.*





## ПАЁМИ ТАСЛИЯТИ ВАЗИРИ ФАРҲАНГ ВА ИРШОДИ ИСЛОМИИ ЭРОН САЙИД АББОСИ СОЛЕҲӢ

Хабари даргузашти шоири шаҳири порсигӯи тоҷик ва андешаманди фақид устод Муъмин Қаноат мӯҷиби таассуф гардид.

Ӯ, ки унвони Шоири халқии Тоҷикистонро касб карда буд, дар осори мондагори хеш дар қолаби шеър ва достони ҳамосӣ, ҳамвора дағдаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми рӯзгори хешро бо забони нағз ва гӯё баён мекард.

Тааллуқи хотири ин шоири пуровоза ва мероси азими маънавӣ ва ҳувияти ин минтақа ва сарзамини Эрон дар шеъри бадоҳаи ӯ бо матлаи «Аз Халиҷи Форс меояд насими форсӣ» номи ӯро дар зеҳн ва хотираи эрониён ҷовидон кардааст.

Инҷониб, даргузашти ин шоири муслиҳи иҷтимоиро ба миллати кишвари дӯст ва ҳамсояи Тоҷикистон ва ҳама алоқамандони ӯ таслият гуфта ва аз Худованди мутаол ғуфрон ва раҳмати восеаро барои он марҳум хосторем.

*Гоҳе гули гандум шавам, дар мавҷи тилло гум шавам,*
*Пайдо шавам дар хони ту, чун файзи дастархони ту,*
*Чун шоҳиди эҳсони ман, чун меҳнати дастони ту.*

***Олжас Сулейменов***

## ПАМЯТИ МУМИНА КАНОАТА

Известие о смерти Мумина Каноата – классика современной таджикской литературы, глубоко опечалило нас. Мумин Каноат – один из выдающихся поэтов Центральной Азии.

Он – один из лучших и любимейших поэтов современного Таджикистана. Его уход не оставил никого равнодушным не только в персоязычном мире, но и на всей территории бывшего СССР, где его знали и любили. Причина такой скорби не только в его неожиданной кончине, не только в том, что еще свежи и сильны чувства в связи с его смертью, но и в той устоявшейся любви к нему ценителей Слова.

Мумин Каноат – автор лучших поэм в современной литературе Таджикистана. Такие его известные поэмы как «Колыбель Авиценны» и «Голоса Сталинграда», несомненно, являются вершиной жанра в современной персоязычной литературе. Помимо этих произведений, широко известны его поэмы «Поэт и шах», «Днепровские волны», «Отец», «Раненые книги», «Мое имя – Таджикистан», «Эпос справедливости» (о гражданской войне 90-х в Таджикистане), «Звезда Исмата», «Масуд-наме» и др. Мумин Каноат – поэт-эпик, ему близко героическое повествование о прошлом, он создал в своих поэмах целостную картину жизни народа в определенном историческом периоде.

Две темы красной нитью проходили через все поэмы Каноата – роль личности в истории родного народа и тема войны, Второй Мировой войны, эхо которой донеслось и до Памирских гор… И, безусловно, самой



*Ман духтари дар бистарам, эй он, ки мекорӣ маро*
*Бо дасти чап, бо дасти рост, чун ганҷ бардорӣ маро…*

главной его поэмой о войне, которая одновременно воспевает мир и любовь, – это поэма «Голоса Сталинграда», блестяще переведенная Робертом Рождественским.

Эта эпическая поэма, полная драматизма, повествует о подвиге советских людей в борьбе против фашизма. Эта поэма стала совершенно новым словом в поэзии 70-х годов. Каждая глава поэмы создана в виде монолога: повествование идет от лица земли, реки, живых и мертвых, солдат и матерей, любви… Эти голоса сливаются в многоголосый реквием. Об этой поэме написано немало.

Она переведена на многие языки мира. Одним из серьезных произведений таджикской литературы является поэма Мумина Каноата «Колыбель Авиценны». В этой поэме Мумин Каноат предпринял удачную попытку ответить на философский аспект проблемы «личность – общество». Он стремился показать значение личности великого мыслителя для его современников и потомков.

Мумин Каноат также является автором удивительно тонких лирических стихов: любовных, философских и патриотических, как один из самых ярких и талантливых продолжателей дела своих великих предков – персидско-таджикских поэтов, признанных во всем мире.

Светлая память о нашем друге, Поэте и Гражданине навсегда останется в наших сердцах.

***Михаил Синельников***

Невероятное скорбное известие: кончина Мумина КАНОАТА. Итак Таджикистан за один месяц потерял двух самых значительных своих поэтов. Без Бозора Собира и Мумина Каноата таджикская поэзия и таджикский пейзаж выглядят иначе...

С Муминшо меня связывали очень давние приятельские отношения. Некогда я перевел его поэму «Колыбель Авиценны»

Горюю вместе с таджиками и приношу соболезнования их стране, выражаю сочувствие семье покойного поэта.

*Москва, 18 майи соли 2018*





## ПАЁМИ ТАСЛИЯТИ ҒУЛОМАЛӢ ҲАДДОДИ ОДИЛ, РАИСИ ФАРҲАНГИСТОНИ ЗАБОН ВА АДАБИ ФОРСӢ ВА БУНЁДИ «САЪДӢ»-И ЭРОН

Ба номи Худо

Хабари даргузашти шоири гаронқадри тоҷик, устод Муъмин Қаноат мӯҷиби таассуф шуд. Эшон аз намояндаҳои ғайратманди шеъри муосири Тоҷикистон буд, ки дар даврони ҳукумати сотсиалистӣ, алорағми тангноҳо, ба пайравӣ аз устодоне чун Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода, аз чараёни шеър ва адаби дерсолаи диёри устод Рӯдакӣ посбонӣ кард ва пас аз истиқлол онро ҳамчун амонате ба наслҳои баъдӣ мунтақил кард.

Осори мутааддиди он марҳум, ба хусус, шеъри мондагори ӯ дар бораи халиҷи Форс ҳамчун ёдгори боарзиш дар миёни адабдӯстони Эрон аст, ки аз он ҳамвора ба унвони хотираи меҳрубонӣ ва нишони дӯстии ҳамзабонон ёд мешавад.

Зоеъаи даргузашти ин шоири фақидро ба миллат ва давлати Тоҷикистон ва ҳамчунин, ба хонаводаи он марҳум таслият арз мекунам ва аз Худованди мутаъол барои ӯ раҳмату ғуфрон масъалат дорам.

## ПАЁМИ ТАСЛИЯТИ ҲУҶҶАТУЛЛО АЮБӢ, ДАБИРИ КУЛЛИ КОМИССИЯИ МИЛЛИИ ЮНЕСКО-ЭРОН

*Солҳо бояд, ки то як кӯдаке аз рӯи табъ,*
*Олиме гардад накӯ ё шоире ширинсухан.*

Даргузашти устоди фарзона Муъмин Қаноат, ки дар ҳавзаи форсизабонон ба унвони “Нимои Варорӯд” шинохта мешуд, ҳама шефтагони фарҳангу адаби форсиро ба сӯг нишонд. Солҳо пеш шеъри зебои устод Муъмин Қаноат “Забони модарӣ” чун насиме дилангез бар бӯстони адаби форсӣ вазид:

*…Форсӣ гӯӣ, дарӣ гӯӣ варо,*
*Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.*
*Лафзи шеъру дилбарӣ гӯӣ варо,*
*Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.*
*Баҳри ман танҳо забони модарист,*
*Чунки меҳри модар аст…*

Пас аз чанде сурудаи “Халиҷи Форс” аз ӯ ба ёдгор монд:

*Аз халиҷи Форс меояд насими форсӣ,*
*Абр аз Шероз меояд чу сими форсӣ.*
*Дурр аз ин дарё намеҷӯям, чу дур афтодааст*
*Аз таги дарё таҳи чашми ятими форсӣ.*





*Мерасад аз киштии бишкаста шеъри бешикаст,*
*Шеър ҳам бишкаст бо панди қадими форсӣ.*
*Шайхро сармаст дидам як шабе аз бӯи нафт,*
*Рафт бо атри кафан атру шамими форсӣ.*

Шоирон дар ҳар замон забони гӯёи ҳар миллат ва пешкисватону пешгомони ҳар ҷомеа маҳсуб мешаванд, ки хушбахтона давлат ва мардуми Тоҷикистон ба шеъру шоир таваҷҷуҳи ҷиддӣ доранд ва қадри ононро медонанд.

Ин зойеъаро ба мардумони тоҷик ва ба вижа хонаводаи муҳтарами он азизи сафаркарда таслият арз менамоям ва барои он бузургвор улуви дараҷотро аз Худованд хоҳонам. Рӯҳаш шод ва ёдаш гиромӣ!

***Алиашрафи Муҷтаҳиди Шабистарӣ,***
***раиси Анҷумани дӯстии Эрон ва Тоҷикистон,***
***сафири собиқи ЧИЭ дар Тоҷикистон***

**Ба номи Худованди ҷону хирад**

*Аз шумори чашм як тан кам,*
*Аз шумори хирад ҳазорон беш.*

Ҷаноби оқои Низом Қосим,

Раёсати муҳтарами Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, бо салом ва эҳтиром, даргузашти устод Муъмин Қаноат, шоири тавоно ва баландовозаи Тоҷикистонро ба хонаводаи муҳтарами он марҳум, миллат ва давлати Тоҷикистон ва аъзои фарҳехтаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва ҳама аҳли фарҳанг ва адаби он кишвари дӯст ва бародар таслият гуфта, худ ва аъзои ҳайати мудираи анҷумани дӯстии Эрон ва Тоҷикистонро дар ин андӯҳ шарик медонем.

Бидуни ҳеҷ тардиде, устод Қаноат яке аз пояҳои пули иртибот ва дӯстии ҳама мардумони форсизабон, аз ҷумла Эрону Тоҷикистон буд ва фироқи ӯ мӯҷиби андӯҳ ва аламй мардумони ин кишварҳо хоҳад буд.

Ёдаш ҷовидон ва биҳишт маъвояш бод.





## ПАЁМИ ТАСЛИЯТИ ҲУҶАТУЛЛО ФАҒОНӢ САФИРИ ЭРОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Аз шумори ду чашм як тан кам*
*В-аз шумори хирад ҳазорон беш*

Хабари даргузашти шоири номдору фарзонаи тоҷик, устод Муъмин Қаноат, сарояндаи шеъри таърихии «Аз Халиҷи Форс меояд насими форсӣ», он ҳам дар нахустин рӯзҳои моҳи меҳмонии Худо, боиси таассуф ва таъсири шадиди инҷониб гардид.

Ин шоири бузург ҳаёти пурхайру баракаташро дар ҷиҳати эътилои забону адаби муштаракамон сипарӣ намуд ва осору ёдгорҳои арзишманди ӯ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар ҳавзаи густурдаи Эрони фарҳангӣ низ мавриди таваҷҷуҳ ва иқболи алоқамандони шеъру адаб аст.

Худованд тафвиқ дод, то чанд ҳафта қабл аз даргузашти ин шоири азиз, барои охирин бор хидмати эшон бирасам ва лаҳзаҳои арзишмандеро дар канори ин марди бузург сипарӣ намоям. Вай дар он ҷаласа матолиби ширине дар боби пайванд миёни ду миллат баён намуд, ки дар хотироти инҷониб то абад хоҳад монд.

Бешак, фуқдони ин шоири бузург зоеъаи дардноке барои ҷомеаи адабу фарҳанги Эрони фарҳангӣ аст. Зимни арзи таслият ба бозмондагон ва тамоми алоқамандони эшон, аз пешгоҳи Худованди бузург барои он марҳум оромиши абадиву ҷаннат ва барои бозмондагонаш сабру тӯли умр орзу менамоям.

*Дунёи тоҷик танг шуд, маъвои тоҷик санг шуд,*
*Аз ҳам гусаста бандҳо, ҳар санг як авранг шуд.*

## ТАСЛИЯТИ РАЁСАТИ ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН

Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бо андӯҳи гарон хабар медиҳад, ки 18-уми майи соли 2018 риштаи ҳаёти Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Ҷоизаи давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ, адиби ҷаҳоншумули тоҷик, арбоби барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ Муъмин Қаноат канда шуд.

Ин сухансолори нодирагуфтор дар солҳои 50-уми асри гузашта бо андешаҳое саршор аз ифтихори миллӣ ва назарҳое тоза дар шаклу дарунмояи шеър ба майдони адабиёт қадам гузошт ва назми тоҷикро ба зинаҳои баландтаре бардошт.



Муъмин Қаноат 20 майи соли 1932 дар деҳаи Курговади ноҳияи Қалъаихуми вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба дунё омада, нахустин шеърҳояшро ҳангоми таҳсил дар мактаб-интернати ноҳияи Ғарм сурудаву дар рӯзномаи ноҳиявӣ чоп кардааст. Пас аз хатми омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳраки Навободи Ғарм дар соли 1951 муҳассили Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон шуда, ҷиддан ба кори шеър машғул гардид ва осори гаронбаҳои адибони классику муосири ҷаҳонро омӯхта, дар ҳамин айём ба кашфи зарфияту имкони шеъри нав даст ёфт ва дар соли панҷуми таҳсилаш чанд намунае дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расонд.

Пас аз хатми донишгоҳ дар соли 1956 Муъмин Қаноат бо тамоми ҳастӣ ба кори эҷодӣ дода шуд, дар муддати даҳ соли фаъолият дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» чун шоир камол ёфта, дар сафи адибони тозакор ва номвари Тоҷикистон қарор гирифт.

*Аз дасти ақвоми араб нури муқаддас нор шуд.*
*Оташ баромад аз саро, сад шаҳр оташзор шуд.*

Соли 1968 муовини аввал ва аз соли 1976 котиби якуми садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб гардида, ин вазифаро то соли 1991 адо намуд. Солҳои минбаъда аввал Кумитаи сулҳ, сипас Пажӯҳишгоҳи осори хаттии Академияи илмҳои Тоҷикистонро сарварӣ намуда, тайи солҳои 1996-2001 муовини раиси Шӯрои марказии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, солҳои 2001-2011 муовини раиси Кумитаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, дар солҳои гуногуни фаъолияташ вакили Шӯрои Олии ИҶШС (1979-1991), узви Кумитаи Мукофотҳои ленинӣ ва давлатии ИҶШС дар соҳаи адабиёт, санъат ва меъморӣ, узви Кумитаи шӯравии ҳамдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон буд.



Муъмин Қаноат чун дастпарвар, номбардор ва пайрави содиқи мактаби адабии устоди зиндаёд Мирзо Турсунзода дар шеъру достонҳояш талошу мубориза инсони пӯянда ва ҷӯяндаю давронсозро ба хотири шукуфоии Ватан ва хушбахтию саодати инсон тараннум намуда, пирӯзии сулҳ бар ҷанг, хирад бар бехирадӣ, нур бар торикӣ, адл бар зулм, ҷасорат бар тарсуӣ, озодагӣ бар бандагиро меҳвари асарҳои мондагори хеш қарор додааст. Устод ин ормонҳои олии башариро бахусус дар достонҳояш – «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», «Сурӯши Сталинград», «Тоҷикистон – исми ман», «Падар», «Ситораи Исмат», «Гаҳвораи Сино», «Ҳамосаи дод», «Масъуднома» бо забони фасеҳу баёни сареҳ ба тасвир гирифта, дар инкишофи жанри достон дар адабиёти тоҷику форс корномаи бузурги эҷодӣ нишон дод. Ӯ ба адабиёти тоҷик тавону мадори тоза бахшида, мактаби эҷодие ба вуҷуд овард, ки дар он адибони номваре чун Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Қутбӣ Кином, Аскар Ҳаким, Низом

Қосим, Фарзона, Абдулҳамиди Самад, Саттор Турсун, Сайфи Раҳим, Ҷонибеки Акобир, Баҳманёр ва дигарон ба воя расиданд.

Муъмин Қаноат аз пурнашртарин шоирони тоҷик дар тамоми ҷаҳон аст. Осораш борҳо ба забонҳои русӣ, англисӣ, форсӣ, украинӣ, арабӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, ӯзбекӣ, тоторӣ, чехӣ, булғорӣ, лаҳистонӣ, испанӣ, муғулӣ ва ғайра чоп шудааст.

Хидматҳои устод Муъмин Қаноат бо як қатор ордену медалҳо ва ифтихорномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр гардидаанд. Ин абармарди арсаи фазлу адаб бо ашъори баланду нотакрор, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва химатҳои бедареғаш дар худшиносиву худогоҳӣ, полудагии забону баён ва муаррифии Тоҷикистони азизу адабиёти нобаш маҳбуби ҳар фарди ин марзу бум буду ҳаст ва хоҳад монд.





***Гулрухсор***

## СЕҲРИ СУХАН

**Аз пайи тобути розпӯши Устод Муъмин Қаноат**

*Биранҷад чу шоир бимонад ҳиҷо,*
*Ҳиҷо то қиёмат бимонад ба ҷо!*
***А. Фирдавсӣ***

Ӯ рафт, суханваре ба ҷояш нарасад,
Аз лафзи дарӣ дурри сафояш нарасад.
Ойинаи обшор зангор гирифт,
Аз шаршарае савту навояш нарасад.
Ҳарфи наву ашъори наву шеваи нав,
Сабки нави асроркушояш нарасад.
Зангӯлаи дарси орифон аст хамӯш,
Аз мактаби дарбаста садояш нарасад,
Аз анҷумани адаб, ки бори аҷаб аст,
Ирфони нигоҳи ошнояш нарасад.
Аз ранги сухан ганҷи шараф бурд, намурд.
Дорои гадо ба хоки пояш нарасад,
Гӯянд: “Равему боз оянду раванд”,
Ӯ рафт, Қаноате ба ҷояш нарасад!...

❁ ❁ ❁

Осмон гуҳарафшон, гулситон гулафшон аст,
Ин баҳори шоиркуш баҳри ман зимистон аст.

***Низом Қосим***

## ЧАШМИ ҲАМА ЧАШМАИ ВАТАН ТАР БОШАД...

Эй шоири хоки Ватану оби Ватан,
Ҳамсуҳбати офтобу маҳтоби Ватан,
Монд аз ту нишона сухани ноби Ватан,
Мероси ту монд шеъри шодоби Ватан.

Сад чашмаи дил аз суханат дарё шуд,
Гармии сухан аз суханат эҳё шуд,
Аз нури Ватан гуфтиву аз нори Ватан,
Имрӯзи Ватан дар суханат фардо шуд.

Ҳар ҳарфи ту як санги Ватан буду бувад,
Бар пояи авранги Ватан буду бувад,
Ҳамрозу ҳамоҳанги Ватан буду бувад,
Номи Ватану нанги Ватан буду бувад.

Аз ҷустани ту басо ниҳон гашт аён,
Аз завқи ҷавонат сухани пир ҷавон,
Аз чашмаи шеъри обдорат ҳама сӯй
Шуд Вахшу Днепру Волгаи шеър равон.





Бишнида ба гӯши ҷону дил рози Ватан,
То гӯши ҷаҳон расондӣ овози Ватан.
Бо захмати ҷонгудозат аз ҳарфи вафо
Барпо кардӣ ҳайкали сарбози Ватан.

Вахши сухани ту нобу шодобтар аст,
Варзоб зи мавҷи шеър Варзобтар аст,
Ҳар кӯҳ ба шеъри туст сарболотар,
Рӯҳи Ватан аз ҳарфи ту бехобтар аст.

Дар сина гирифта дарди дерини Замин,
Додӣ ба сухан ту вазну тамкини Замин.
Бурдӣ ба само ту аз Замин қадри сухан,
Таҳсини само бар туву таҳсини Замин.

Аз шеъри ту ҳар диле муҳаббат омӯхт,
Бишнида садои ту, садоқат омӯхт,
Имону амони зиндагӣ ёд гирифт,
Муъмин шудаву дарси қаноат омӯхт.

Дастону суруду ғазалат мемонад,
Ширинии шеъри асалат мемонад,
Будат амали фузун дар ин дори фано,
Аммо сухани чун амалат мемонад.

*Аз хоки фарҳанги куҳан рӯид алафзори баланд,*
*Чун мазраи сабзи фалак аз бахри гову гӯспанд…*

Танҳо на ду чашми мову ман тар бошад,
Чашми гулу наргиси чаман тар бошад.
Бо ёду хаёли шоири тарсуханаш
Чашми ҳама чашмаи Ватан тар бошад.

Дарёшудагони ҷӯи Турсунзода,
Афзунии обрӯи Турсунзода –
Бозору Қаноат аз пайи Лоиқи хеш
Рафтанд ба рӯбарӯи Турсунзода.



*Танҳо баландӣ кӯҳ монд, рамзи баланди рӯҳ монд,*
*Байни ду кӯҳи сарбаланд як қуллаи андӯҳ монд.*

**Камол Насрулло**

## ОИНАИ ОБШОРИ ПОКӢ

Файзи сухан аз замини мо рафт,
Сарводаи ростини мо рафт.
Нури назари баландбинаш,
Чун ҷоиза аз ҷабини мо рафт.
Чун буд қаноти мо Қаноат,
Болу пари озарини мо рафт.
Дар маснади шеър шоҳи мо буд,
З-ангуштари мо нигини мо рафт.
Бо кӣ бубарам амонатамро,
Имрӯз, ки ин амини мо рафт.
Ӯ бурд хазинаи суханро,
Чун махзани вопасини мо рафт.
“Шаҳнома”- саро зи баъди ӯ кист?
Устураи охирини мо рафт.

Дардо, ки сутуни бовари мо,
Неруи дили яқини мо рафт.
Озоданиҳоду покбунёд
Некисмату некбини мо рафт.
Бас номаи нонавиштаро бурд,
Армони дили ҳазини мо рафт.
Оинаи обшори покӣ
Покизагуҳартарини мо рафт.
Зебандаи минбари сухан буд,
Он шоири нозанини мо рафт.
Шоҳинпари шеъри мо, дареғо!
Пири сухани навини мо рафт.
Бо рақси самоъи лоязолӣ
Бар чархи барин барини мо рафт.

*Ато Мирхоҷа*

## ЛАЙЛАЙИК БАР БОЛИНИ ОХИРАТИ УСТОД МУЪМИН ҚАНОАТ

Курговадо, Курговадо,
Бар ман бадо, бар мо бадо.
Шоирбачат рафт аз дунё,
*Лайлай, шоир, вой аллаё!*
Курговадо, Курговадо,
Имшаб чӣ бороне задо!
Хушрӯйбачат рафт аз дунё,
*Лайлай, хушрӯй, вой аллаё!*
Курговадо, Курговадо,
Олам шуда обу адо.
Олимбачат рафт аз дунё,
*Лайлай, олим, вой аллаё!*
Курговадо, Курговадо,
Гӯши фалак шуд пурсадо.

Уқоббачат рафт аз дунё,
*Лайлай, уқоб, вой аллаё!*
Курговадо, Курговадо,
Тоҷик шуд шоиргадо.
Муъминшоят рафт аз дунё,
*Лайлай, Муъмин, вой аллаё!*
Курговадо, Курговадо,
Бар мо назар кардаст Худо.
Шаҳбаччаат рафт аз дунё,
*Лайлай, шаҳо, вой аллаё!*
Курговадо, Курговадо,
Ҷонам шуд аз ҷисмам ҷудо.
Шеъри Аҷам дорад азо,
*Лайлай, падар, вой аллаё.*





## МУЪМИНТАР АЗ Ӯ МИЁНИ МО НЕСТ

Муъминтар аз ӯ миёни мо нест,
Ин тозагуҳар зи кони мо нест.

Андешаи коинотсайраш
Дархурди дилу забони мо нест.

Табъаш бувад ошёни Анқо,
Яъне, ки дар ошёни мо нест.

Зардуштниҳоду рӯдакиҳарф,
Нуре, ки сиришти ҷони мо нест.

Шоҳи абадии мулки шеър аст,
Мулке, ки аз ин ҷаҳони мо нест.

Ӯ ҳайкали назм сохт, оё
Худ ҳайкали қаҳрамони мо нест?

Монандаи қуллаи Бадахшон
Оё масали тавони мо нест?

Як Носири Хусрави нав оё
Дар розгаҳи равони мо нест?

Холӣ зи шарори ҷонфурӯзаш
Оташкадаи Карони мо нест.

Пиронасар оташе, ки дорад,
Дар ҳеҷ дили ҷавони мо нест.

Гӯянд зи ному аз нишонаш
Давре, ки дар он нишони мо нест.

Пайғамбари шеъри форсӣ ӯст,
Тардид дар ин баёни мо нест!

*Рустам Ваҳҳоб*

## ШАҲОДАТИ ИНСОН

Нигоҳи равшани ту обшори Яздон буд,
Сукути лаҳзаи ту достону девон буд.
Силеҳи сулҳ намондӣ зи даст то дили хок,
Ҳамеша хонақаҳат арсагоҳу майдон буд.
Сурӯши минавият раъди аҳриманафкан,
Ниёишат нафаси ҷонфишони Раҳмон буд.
Ҳазор соли дигар дар қаламрави Хуршед
Нидо кунанд, ки "ӯ шоири Хуросон" буд.
Ғамат ба сина ниҳон ҳамчу ганҷи Қорун буд,
Нишот дар кафи ту парчами парафшон буд.
Иёри шеъри ту ҷуз дурри Рӯдакӣ набувад,
Ки дар сиришти ту фарҳанги Оли Сомон буд.
Зи ҷумла рутбаву унвону ифтихори ҷаҳон
Ҳамин бас аст, ки Исми ту Тоҷикистон буд.[1]
Барои насли башар дафтари муҳаббати ту
Шаҳодатест, ки қарни ту қарни Инсон буд.
Ниҳода тан ба Ватан, ҷон бар осмон бурдӣ,
Чӣ ҷовидона нишастӣ, чӣ ҷовидон бурдӣ.

1. Ишора ба достон ва девони «Тоҷикистон – исми ман».





*Адибаи Хуҷандӣ*

## ҒАЗАЛИ ЁД

Милён ҳазор баргу баҳор ояду равад,
Милён чаман навои ҳазор ояду равад.

Дар роҳи шаҳриёри сухан чашми рӯзгор
То гирязор зору фигор ояду равад.

Милён ҳазор муддаии шеъру шоирӣ
Чун гарду хоку боду бухор ояду равад.

Шояд сухан ба сидраи хуршед меравад,
Ҳури сухан, ки нурнисор ояду равад.

Симфониёи об ва борон, садои нур,
Консерти баргҳои чинор ояду равад.

Тақвимро шамол барад, турна оварад,
Дар фурсате ҳазор баҳор ояду равад.

Аз хоки тира ҳеҷ намерӯяд офтоб,
Милюн ҳазор чашм, ки чор ояду равад.

Муъмин Қаноат аст яке офтоби шеър,
Ӯ монад! Ин ҳазор ҳазор ояду равад...

*Ба ҳикмат бар худоҷӯ як худо кофист,*
*Чу аз баҳри замине як само кофист.*

*Озарахш*

## ДАРЕҒНОМА

Ватан гирён, ки шоир рафт, афсӯс!
Сафар омад, мусофир рафт, афсӯс!
Чаман бо қисмати булбул чӣ созад,
Чу мурғони муҳоҷир рафт, афсӯс!
Ҳадиси достонаш дар забонҳо,
Суханпардози моҳир рафт, афсӯс!
Шукӯҳи рӯдбору чашмасорон,
Ба рӯҳу ҷони тоҳир рафт, афсӯс!
Каронро сӯи шаҳри бекарон бурд
Иморатсози соҳир рафт, афсӯс!
Падарсолори шеъри ноби тоҷик
Куҳанзоду муосир рафт, афсӯс!
Ҳамон Муъмин, ҳамон кӯҳи Қаноат,
Дилаш пур гашт, охир рафт, афсӯс!
Ғами Мирзову Лоиқ дар ҷигар дошт,
Пас аз Бозори Собир рафт, афсӯс...



*Мақоми аз ҳама боло атои эзиди пок аст,*
*Ба ҳар хосе, ки арзонӣ бидорад, хок афлок аст.*

*Салими Зарафшонфар*

## ПАНҶ МАВҶИ МОТАМ

**1**

Аз тирамаҳ батар ин фасл оё баҳор мебошад?
Шоиркушӣ бувад кораш, оҳ, ин чӣ кор мебошад?
Ҳар меғи он ба рӯйи сар мисли наёми пуртеғ аст,
Ҳар сабзааш ба зери по ҳамтои хор мебошад.
Ин кист, баъди ӯ холӣ овардгоҳи шеъри мост?
Муъминшаҳи шаҳаншаҳфар ин шаҳсавор мебошад.
Ӯ рафт, Лоиқу Бозор осематар аз ӯ рафтанд,
Дар ҷабҳаи сухан монда гарду ғубор мебошад.
Аз дидаҳои зори мо дидори ӯ ниҳон бинмуд,
Майли қазо ба майли мо кай созгор мебошад.
Рафт аз канори мо Пири дастонсарои мо, шояд
Он ҷо, ки Пири Тӯс ӯро дар интизор мебошад.
Чун обшори Курговад чашми сиришкбори ман
Аз акси рӯйи ӯ умре ойинасор мебошад.
Лол арчи кӯҳи Помир аст, аз сӯзи ғам ба дил онро
Гардида об ҳар лаъле Сурхобвор мебошад.

**2**

Асои хома мегирам
Ба даст андар азои ӯ,
Ки Пири шоирон дар даҳр дигар нест.
Гаҳе афтам ба ин паҳлӯ,
Гаҳе афтам ба он паҳлӯ,
Азеро муттакои ман маро имрӯз дар бар нест.
Замин ларзид, ҷонам дар бадан ларзид,
Замин ларзид, сар то сар Ватан ларзид,
Аз ин гӯша ба он гӯша Бадахшони сухан ларзид,
Замин шаҳқулларо балъид,
Кунун бо қуллаҳо он қуллаи Албурзманзар нест.
Сурӯш аз шаҳри Истолингирод ояд:
«Дареғо, охирин сарбози Истолингироди шеър
Фитод аз тири дайдуи адӯ, инак ба сангар нест».
Ба Кавсар кард оё рӯди Курговад иваз устод,
Зи ёдаш бурда, ангорӣ, ки худ мегуфт:
«Бинӯшу лаззаташ дар хотират медор,
Чу оби рӯди Курговад гуворо оби Кавсар нест».
Зи резиш лаҳзае борон намеистад,
Бубинед, осмон гиряд.
Рабояд аз миёни мо азизонро,
Вале рӯзу шабон гиряд.
Маро бар ашки тимсоҳии ӯ з-ин баъд бовар нест.
Бихоҳам шеъри тар гуфтан





Ба ёди он азизи хеш, вовайло, набитвонам,
Чу тар гардид ҳар як сафҳаи дафтар
Зи ашки ман бад-он миқдор,
Ки баҳри шеъри тар бингоштан ҷое ба дафтар нест.

**3**

Буд рӯйи дӯши мардум бошитоб
Сабзмахмалпӯш тобуташ равон.
Росту хам гашта, раҳ тай мезаданд
Ҳамчунон амвоҷи дарё одамон.

Ӯ фароғатманду ёрон бефароғ,
Беғам ӯ будиву ёрон ғарқи ғам.
Оҳашон боло ҳубоб андар ҳубоб
Мебаромад сӯйи гардун лоҷарам.

Буд тобуташ чу киштӣ дар шино,
Буд мардум ҳамчу дарё мавҷзан.
Дар нигоҳи ман, ба Ҷовидон бирафт
Ӯ савори киштии сабзи сухан.

**4**

Ба дуристон, аё Шаҳбози Дарвоз,
Кушудӣ ногаҳон шаҳболи парвоз.
Ба нуристон расидӣ, барнагаштӣ,
Шудӣ дар Шед оё лонапардоз?

**5**

Пояи тобути ӯ бар даст мерафтам,
Зер-зери он баландӣ паст мерафтам.
Дар раҳи ҳамвор ноҳамвор мерафтам,
Чашм обафшон, дил оташбор мерафтам.
Дигаронро дидаву нодида мерафтам,
Пойи ину он ба по пахшида мерафтам.
Зери тобути гарон хомӯш мерафтам,
Чунки тобути Сухан бар дӯш мерафтам.





*Нуқраи Суннатниё*

## ДАРДИ ДИЛ

Расидӣ оқибат бар саргаҳи оғоз,
Кашидӣ то фалак аз дилхушӣ овоз,
Ки ту аз батни хоки худ
Кароншаҳрат дубора ёфтӣ, Дарвоз!
Вале
Напоид дер шодият,
Ки ин аст,
Русуми чархи дунпардоз:
Якат гар медиҳад,
Он дигаратро меситонад боз.
Ситонд аз ту Қаноатро,
Чанори сояафканро,
Қаноатманд буданро.

Аё Дарвоз!
Аё, эй модари раҳпо!
Дарат бозу дилат боз аст,
Гумонат, ки
Бирафту бар нагашт бар хона Анваршоҳ
Муъминшоҳ меояд?
Варо, ки ту каламбардаст кардиву
Аламбардаст кардиву

*Чу поёндагии ҷаҳон бо фан аст,*
*Бувад то фанам, ин ҷаҳони ман аст!*

Ба майдони адаб охир гуселондӣ,
Ба аҳли дил
Ва бар аҳли адаб сарҳанг шуд охир,
Сару сардафтари фарҳанг шуд охир.
Ба ақли худ ҷаҳондоне,
Ба табъи худ сухандону ҷаҳонбоне,
Дар ин дунёи зулмонӣ
Саропо нанг шуд охир,
Ки аз қалбаш садо бар қуллаҳо бархост:

«Ба тундӣ мавҷи дарёям,
Ба тамкин сабри саҳроям,
Ба нармӣ чун дили ошиқ
Ба сахтӣ санги хороям»...

Чунин охир калонаш кардӣ,
Эй Дарвоз!
Ба дунёи сухан аз шонаи худ додияш парвоз!
Варо кай бим аз шеру палангон буд,
Ки парвозаш баланд аз авҷи
парвози уқобон буд
Ва зери болҳои ӯ
Ҳама хоки ниё,
Мулки Хуросон буд.



*Барои бедилу соҳибдилон дил офарид Одам,*
*Ба одам нӯшдору, заҳри қотил офарид Одам.*

Аё Дарвоз!
Аё, эй зодбуми шоири дилҳо,
Аё, эй модари раҳпо
Варо, ки додаӣ аз каф
Дубора бар намегардад,
Дар он як пора гардунат
Ба ҷуз ахтар
намегардад!
Дигар
Туву домони ту
Ба дасти мавҷи Панҷе, ки шабу рӯзон
Сараш бар сахраҳо кӯбида мемӯяд:
«Бародарам, бародарам,
Бародари ба ҷону дил баробарам».
Ва ӯ дар теппаи Лучоб
Қатори он ҳама сарлашкарони назм
Силаҳ бишкаста,
бар хоби абад рафта.
Ва ҳар испедадам
«Шафақ аз теғаи Алванд бо ҷоми худовандӣ,
Ба рӯи гунбази ӯ аз майи сурхи самарқандӣ
Чу дар ҷоми нагуне бода мерезад...»
Ва ҳам шабодааш ҳар шомгаҳ бо дарди дил сарвода мехонад:
«Чу тухми одамӣ бар хок мерезад, намехезад,
Намехезад...»

*Шаҳрия*

## ХУРШЕДИ СУХАН

Аз рафтани хуршеди сухан мегирям,
Бар зулмати сарди анҷуман мегирям.
Холист хиёбони ватан бе шоир,
Пур гашта ғамаш ба ҷону тан мегирям.
Хушбахт будам зи қомати болояш,
Бишкаста қадаш зери кафан мегирям.
Садҳо ғазали нагуфта монад ба лабаш,
Дар мотами фарзанди сухан мегирям.
Бар шоири хушсадову бофазлу хирад,
Бар булбули гулбоғи ватан мегирям.
Атри суханаш бӯи муҳаббат мекард,
Бар накҳати рафта аз чаман мегирям.
Соҳибназари қофилаи шеъри дарӣ,
Бар қофилаи шеъру сухан мегирям.
Гуфтам, ки ба зодрӯзи ӯ гул бубарам,
Ночида гуле аз ин чаман мегирям.
Инак ба тавофи хоки ӯ омадаам,
Хокам ба сару бар дилу тан мегирям.
Дарвоз чу мерафтӣ, гулафшон мешуд,
Бар шоири Дарвози куҳан мегирям.
Бар Муъмини шоиставу бар шоири халқ,
Аз баҳри Қаноати Ватан мегирям.





## ЧАҲОРБАРГАҲОИ ДАРД

Хуршеди сухан рафту раҳам тор шудаст,
Дар боғи сухан гули сухан хор шудаст.
Дар хоки Лучоб хуфта Устоди азиз,
Ҳамсоя ба Лоиқу ба Бозор шудаст.

❂ ❂ ❂

Сардафтари шеъри нав ту будӣ, Устод,
Аз мактаби шеъри ту гирифтем савод.
Он дасти ғазалнависи ту бар лаби мо
Гӯё, ки қанди порсиро биниҳод.

❂ ❂ ❂

Ёди ту ба хайр Устоди ҳамадон,
Гаҳ фалсафа мегуфтӣ, гаҳ аз шеъри равон.
На тоҷири шеър будӣ, на шеъртарош,
Эй Рӯдакии сонӣ дар ин даври замон.

❂ ❂ ❂

Чашми дили ту саводи зебой дошт,
Ҳар сӯ, ки назар кардӣ, зебой кошт.
Чун қомати ту пеши касе хам нашуд,
Ҳаштод гузаштӣ, боз барной дошт.

*Аъзами Хуҷаста*

## АНДӮҲИ ТУ ҶО НАМЕШАВАД ДАР ОЛАМ

Рафтӣ, эй устоду оташ бар дилу ҷонҳо задӣ,
Пар задӣ, боди хазонро бар гулистонҳо задӣ.
Абри сад фасли баҳоре пушти чашмам ҷо гирифт,
Вопасин ашъорро бо лаҳни боронҳо задӣ.
Будани ту эътимоди шеър буду шоирон,
Рафтӣ, аммо рахнае бар кохи имонҳо задӣ.
Шоире будӣ, ки дар паҳнои шеъри порсӣ,
Парчаме аз ҳувият, фарҳанг, инсонҳо задӣ.
Аз тамаллуқ дур будӣ, бо садоқат ошно,
Ҳарфро аз обу аз ойина бо онҳо задӣ.
Шоири дардошно, устураи миллатпараст,
Мисли Аҳмадшоҳ дасту дил ба тӯфонҳо задӣ.
Шеъри оламгири ту худ эътибори миллат аст,
Муҳри миллатро ба рӯи барги давронҳо задӣ.
Тоҷикистон аз ғами ту мотамистон шуд, дареғ,
Ҳасрате дар қалби эронию афғонҳо задӣ.
То ҷаҳон боқист, номат ҳамрадифи лаҳзаҳост,
Исми зебои худатро дар дилу ҷонҳо задӣ.





❂ ❂ ❂

«Тоҷикистон – исми ман» гуфтию исмат зинда бод,
Алвидоъ Муъмин Қаноат, алвидоъ, эй зиндаёд!

❂ ❂ ❂

Абрам, ки ба рӯи даштҳо меборам,
Бодам, ки ба марги баргҳо менолам.
Зарфи дилам аз ғами ту уфтоду шикаст,
Андуҳи ту ҷо намешавад дар олам.

*Зулм – аз зулмот, озодӣ – зи нур,*
*Дод – аз инсоф, бедод – аз ғурур.*

***Абдуҷаббори Сурӯш***

## ДИДОРИ ХУДО ХУРСАНДӢ

Дар Шеър ва Зиндагӣ чу Муъмин будӣ,
Аз Зиндагиву Шеър каноатмандӣ.
Монандаи Офтоби ҳангоми ғуруб
Чашм аз сари кӯҳсори мо баркандӣ.
Ин бор ту чашмҳои худ, эй Шоир,
Аз дидани мо ҳамешагӣ мебандӣ.
Аз рафтани ту дидаи мо гирён аст,
Аммо ту ба Минуи Худо механдӣ.
Мо аз сафари равони ту ғамгинем,
Аммо Ту ба дидори Худо хурсандӣ!



*Моҳ мезад ғӯта дар дарёи Вахш,*
*Об мешуд рахш аз рангу дурахш.*

***Муҳаммадризо Тоҷдинӣ***

## ЛАЪЛИ БАДАХШОН

Кунам чун шеърро қозию довар,
Надорам марги шоирро ба бовар.
Куҷо Муъмин Қаноат даргузаштаст,
Ки шеъру меҳри ӯ бар дил навиштаст.
Зи шеъру шоирӣ хуршеду тобон,
Чу кони гавҳару лаъли Бадахшон.
Дилу ҷонаш чу анбони муҳаббат,
Навову нойи ӯ ҷони муҳаббат.
На танҳо шоиру озодаинсон,
Гулу гулзору хуррам буд дар ҷон.
Бувад маънии номаш - расму роҳаш,
Хирад имон - қаноат такягоҳаш.
Камолу маърифат дар зоти покаш,
Шароби маърифат дар ҷоми токаш.
Шиору шеъри ӯ адлу саховат,
Сафири меҳр буду бо рисолат.
Ба дӯшаш парчами меҳру вафо буд,
Дилаш хуршеди рахшон пурзиё буд.
Ҳамеша фахри ӯ аз Ориё буд,
Зи ҳар Аҳримане аз дил раҳо буд.
Дилу ҷонаш Аҳуро буду пурнур,
Ба таърихи куҳан пуришку пуршӯр.

Ватандору шиораш ишқи меҳан,
Чу булбул нағмааш дар боғу гулшан.
Чу Фирдавсӣ сурудаш моми Меҳан,
Чу Кова ошёнаш боми меҳан.
Ба фарҳанги ниёгон муъмини сахт,
Зи Яздону Аҳуро бар дилаш рахт.
Ба покию садоқат зарнишон буд,
Ҳамеша раҳнамо моҳи шабон буд.
Бинӯшам шири шеърашро зи ҷонам,
Бибӯсам хокаш аз рӯҳу равонам.
Қаноат Муъмину Муъмин Қаноат,
Зи хайли родмардон босалобат.
Намирад то абад ҳам ёду номаш,
Бинӯшад ҷону дилҳо шеъри ҷомаш.
Ба гулзори адаб ҳамчун баҳор аст,
Фурӯзонахтаре дар шоми тор аст.
Чу Носир Хусраваш озодагӣ буд,
Ҳамора душмани ҳар бандагӣ буд.
Бимонад шеъру номаш ҷовидона,
Ба чангу ӯд ашъораш тарона.
Ба Бозору ба Лоиқ таҳният бод,
Ки Муъминшо муаллим буду устод.





***Беҳрӯз Забеҳулло***

## ЭЙ ВОРИСИ ШАҲОМАТИ ИН ҚАВМИ БОШУКӮҲ

Монанди як паранда, ки парвоз кардаӣ,
Танҳо парандае, ки қафас боз кардаӣ.
Дар қарни инҳитоти ҳунармандиву ҳунар
Дарвозро даричаи Шероз кардаӣ.
Қарни сукути ақлу хурӯши шиор буд,
Бо шеъри ноб замзама оғоз кардаӣ.
Эй вориси шаҳомати як қавми бошукӯҳ,
Масъудро ту зиндаву мумтоз кардаӣ.
Ҳам хашму ҳам сукути ту аз ҷинси ҳикмат аст,
Ҳақ дорӣ, инчунин ба Ватан ноз кардаӣ.
Баъд аз ҳакими Тӯс – ту пири суханварӣ,
Баъд аз ҳакими Тӯс – ту эъҷоз кардаӣ.
Сангарнишини сангари номуси миллатӣ,
Хидмат барои халқи сарафроз кардаӣ.
Ҳаргиз барот марсияхонӣ намекунам,
Зеро ки ту намурдаӣ, парвоз кардаӣ,
Зеро дубора зиндагӣ оғоз кардаӣ!

*Киштаҳо сар мекашад аз киштзорони баланд,*
*Зиндагӣ сар мекашад бо кӯҳсорони баланд.*

❖ ❖ ❖

Дареғо булбул аз боғу чаман рафт,
Суханпардозу устоди сухан рафт.
Азизон, нолаву фарёдам аз чист?
Қаноат маҳфилорои Ватан рафт.
Дар ин гулшан на гул монду на булбул,
Сафои лолаву сарву суман рафт.
Куҷо шуд Юсуфи гумгаштаи мо?
Ба дасти пири Канъон пираҳан рафт.
Чу тундар ғулғуле афканд, ангор
Чу бод аз кӯҳу саҳрову даман рафт.
Ҳамон наққоли базми хусравонӣ,
Ҳамон вассофи размҳи ҷону тан рафт.
Ҳамон ғаввоси дарёи маъонӣ,
Ҳамон донои асрори куҳан рафт.
Намонад гавҳари ноби Бадахшон,
Чу аз кӯҳи сухан ин кӯҳкан рафт.
Ба назди кадхудои "Шоҳнома"
Ба назди Геву Гударзу Пашанг рафт.
Ба назди Боязиду Пури Сино,
Ба назди дӯстони хештан рафт.
Масеҳосирату Зардуштсурат,
Фалотуни фунуни мову ман рафт.
Диҳад Шероз бӯи атри Дарвоз,
Бад-он дарвоза ҳам мушки Хутан рафт.
Сипаҳсолори назми нағзи тоҷик,
Сухансолору садри анҷуман рафт.



*Мардҳо дар размҳои марзбонӣ мурдаанд,*
*Модарон дар ҷангҳои меҳрубонӣ мурдаанд.*

***Исфандиёри Назар***

## ЭЙ АҲУРОИ ШЕЪРИ БЕДОРӢ...

***"Бояд дар сӯги устод ба баландии арши Худо нолид,***
***аммо чӣ кунам, ки беш аз ин тавонам нест"***

Ҳеч кас мисли ман намегиряд дар ғарибӣ ба сӯги рафтани ту,
Ҳеч кас мисли ман намесӯзад дар азои сухан ба мурдани ту.
Муъмини шеъри порсӣ будан, бо Қаноат, ба порсой кас
Ғайри ту, ғайри ту надонам ман, эй Биҳишти Худой маъмани ту!
Порсӣ – ин забони инсу парӣ, – шакли инсон агар ба худ гирад,
Накунад саҷда ҷуз ба Қиблаи ту, наниҳад сар ба ҷуз ба домани ту.
Ба кадомин ҳамоса ман гирям рафтанатро зи кӯчаи дунё?
Дар кадомин қасида мегунҷад сӯги аз ин ҷаҳон гузаштани ту?
Баъди ту кай бувад Аҳурой шуълаи шабчароғи ин миллат?
Эй Аҳурои шеъри бедорӣ, эй Аҳурои мо муҳаймани ту!
Мерасад, мерасад ба гӯшам талх, аз ҳама гӯшаҳои шеъру сухан,
Шеване дар расои пури падар, шеваи нолаҳову шевани ту.
Ҳеч кас, ҳеч кас надорам ман, ки дар ин ҷо ба мурданам гиряд,
Кас ба ман ҷуз худам намегӯяд: ту кӣ ҳастӣ? Куҷост Меҳани ту?
Ҳеч кас ҳамчу ман намесӯзад, ҳеч кас ҳамчу ман намегиряд,
Дар ғарибӣ, ба сӯги мондани хеш, дар ғарибӣ, ба сӯги рафтани ту...

***Сафар Абдуллоҳ***

Дареғо, рафтиву ин шаҳр бе ту холӣ хоҳад шуд,
Дилам, чун нахнамо гардида, аз ғам, қолӣ хоҳад шуд.
Дареғо, дар Ватан кас нуктафаҳми шеъри нобат нест,
Рафиқи ғамгусоре бар ман ин ҷо ҷуз китобат нест.
Дареғо, дар Ватан будӣ ғарибе ошиқи Меҳан,
Сурудӣ дардҳои ин Ватанро бо ғаму шеван.
Ба кӣ гуфтӣ дилат қасди паридан дорад аз ин ҷо?
Чаро бигзоштӣ бе пиру бе тадбиру кам моро?
Чаро гуфтӣ дилат бишкаставу вақти сурудан нест?
Чаро гуфтӣ дилам бигрифтаасту ҷои гуфтан нест?
Дареғо, байни ғофилҳову ин андешаботилҳо,
Ту танҳо мондӣ, эй устод, дар гирдоби мушкилҳо.
Дилат бигрифт аз мардуми пуркину дили чиркин,
Паямбарсон накардӣ лек бар ин ғофилон нафрин.
Ҳаме аз покӣ мегуфтиву бо покӣ ҳамезистӣ,
Ҳамегуфтӣ, ки: эй миллат, ба худ ову бубин кистӣ...
Миёни ин ҳама шоирнамоён, тоҷирони назм,
Дилат бигрифта буд аз назму ҳам аз базму ҳам аз разм.
Дилат бигрифта буду боз ҳам аз дод мегуфтӣ,
Аз ин бедодиву бедодгар фарёд мегуфтӣ.
Ба ёдам мерасад он лаҳзаҳои бо ту биншастан,
Ҷигарро аз ғами миллат ба андуҳи гарон хастан.
Гаҳ аз Сино, гаҳ аз Масъуду гаҳ аз ёр мегуфтӣ,
Гаҳе бо созҳои Ҳофизи Шероз мехуфтӣ...





Дареғо, бори худ бастиву рафтӣ аз дори дунё,
Ту танҳо меравӣ роҳи Қиёмат, монда мо танҳо.
Дилам аз моҷарои рафтанат хун асту мегирям,
Фалак аз рафтанат ин лаҳза маҳзун асту мегирям.
Бирав устод, акнун меравӣ боре, Худо ёрат,
Ало ғамхори миллат, хок ҳам гӯ бод ғамхорат.
Ман ин ҷо, бе ту танҳо, бе ту монда пири бепире,
Дигар ман аз ки ҷӯям ҳоли миллат в-аз кӣ тадбире?
Худо бо туст, ин ҷо номи неки ҷовидон бо туст,
Дуои миллати тоҷик аз пиру ҷавон бо туст...

*Ишқи ту дарёю дарё безавол,*
*Мурдани дарёст худ амри маҳол.*

*Нуриддини Амриддин*

## НОЛА КУНАМ

Сар ба бозӯи қалам нола кунам,
Як қиёмат ба алам нола кунам.
Рафт, ай вой, зи дунё устод,
Дар ғами шеъри Аҷам нола кунам.
Мавҷи хун мезанад аз дил ба сарам,
Дар дами бод чу ям нола кунам.
Кард пурнақши қадам Курговад,
Сари ҳар нақши қадам нола кунам.
Манзилаш гашт дили хоки Лучоб,
Сар бар ин хок занам, нола кунам.
Бикашам шеъри тарашро фарёд,
Бар дараш пой ниҳам, нола кунам.
То қиёмат бикунам ёд аз ӯ,
Номи ӯ карда алам, нола кунам.



*Ситора мепарад аз осмони субҳи симобӣ,*
*Ва меборад зи чашми осмон ашки ятим обӣ.*

*Абдусаттори Раҳмон*

## ХУҶАСТАШОИРИ ШЕЪРИ НАВИН БУД

Ба майдони сухан марди матин буд,
Ки «Рахш»-и Рустамаш бар зери зин буд.

Зи Турсунзода дарси шеър омӯхт,
Ба шеъраш вазну тамкини замин буд.

Ба хуни дил суханро карда рангин,
Хуҷаста шоири шеъри навин буд.

Зи баҳри сайди маънои баланде,
Ба саҳрои сухан андар камин буд.

Ба даври суфраи сарводаву шеър,
Ҳаме боиззату болонишин буд.

Ба кохи ифтихори миллати мо,
Тановар шаҳсутуни оҳанин буд.

Ба рӯзи марги ӯ ҳар фарди бедор,
Ба лаб ҳарфи алам буду ҳазин буд:

«Дареғо, боз аз мо шоире рафт,
Ки ӯ чун ахтари чархи барин буд».

**_Муҳаммадюсуфи Давронзод_**

## ҲАЙКАЛ

Ҳайкали ӯ дар Душанбе
Ҳайкали миллат!
Ҳайкали як асри миллат,
Рӯ ба рӯи қасри миллат!

Офарин,
Сад офарин бар ҳиммати тоҷик,
Ки зи санги хорааш як ҳайкалаш сохт!
Баски ӯ худ аз нажоди санги хоро буд...
Хорасанге аз Бухоро буд,
Як Бухоро буд!

Офарин,
Сад офарин бар ҳиммати ҳайкалтароше,
К-ӯ тарошида
Ҳайкали як одами зинда!
Одаме, ки зиндагӣ дар санг дорад,
Дар бағал санги қаноат...
То қиёмат.

Одаме,
К-аз санг рӯид





Чун гули санге!
Одаме,
К-аз нанг рӯид
Чун гули нанге!..

Одаме, ки дар ҷавонӣ
Подабоне буд...
То ҳазорон сол дар сахрои Дарвоз
Подаи сангаш зи ҷойи худ намеҷунбад,
Интизори ӯст!
Интизори подабони сангии шоир,
Интизори подабони шоири сангӣ!

Одаме,
К-ӯ сад сабақ аз пири санге карда аз бар
Оқибат як Мавлавӣ шуд.
Оби таҳсанге бинӯшида,
Ҳазрати Хизри Валӣ шуд...

Офарин,
Сад офарин бар ҳиммати ҳайкалтароше,
Ки кашида қоматашро то фалакҳо,
То малакҳо!
Баски ӯ з-аҳли фалак буд,
Як малак буд!

*Заминро як камарбанди наве месохтам заррин,*
*Ба ранги хӯшаи гандум, ба ранги хӯшаи парвин.*

Бар танаш бинҳода ҷонашро,
Бар лабаш бинҳода шеъру достонашро!..

Офарин,
Сад офарин бар ҳиммати ҳайкалтарошаш!
Дар «Хиёбони Қаноат» корҳо карда;
Ёди аскарбаччаҳои ҷанги Гирмон,
Ёди аскарбаччаҳои мурда дар ғурбат
Гушнаву ташна.
То ба акнун меравад аз захм хуне,
То ба акнун меравад аз захм ҷоне...

Офарин,
Сад офарин бар ҳиммати ҳайкалтароше
Дар тани девори ин боғ
Нимапайкарҳои эшонро тарошида,
Номи эшонро харошида.
Гӯӣ бо нохун,
Балки бо хун...

Ҳайкали ӯ дар Душанбе
Саҷдагоҳи афсари тоҷик!
Ҷойи савганд аст сарбози Ватанро...

Ҳайкалаш дар маркази шахр
Дар «Хиёбони Қаноат»



*Зи рашки чашми худ пӯшонд рӯи офтобиро,*
*Ки чашми бад набинад ҳеҷ ин рӯи китобиро.*

Ҳайкали миллат!
Ҳамчуноне ҳайкали Нодир
Дар баромадгоҳи Теҳрон!
Ҳамчуноне ҳайкали Масъуд
Дар даромадгоҳи Кобул!

Офарин,
Сад офарин бар ҳиммати тоҷик!
Зери ҳайкал бо ҳуруфе зар навишта:
«ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК»

Ҳайкали ӯ дар Душанбе
Як мазори халқ!
Як мазори зиндаи мардум,
Рӯзгори зиндаи мардум!..

***Ҷӯра Юсуфӣ***

## Ӯ ШОИРИ ШЕЪРҲОИ ТАҲТОНӢ БУД

Муъмин, ки қаноат ба лаби ноне дошт,
Дар марзи сухан тухми навине мекошт.
Чун пухту расид ҳосили заҳмати ӯ,
Деҳқони азал ба сӯйи хешаш бардошт.

❂ ❂ ❂

Ӯ шоири шеърҳои таҳтонӣ буд,
Кашшофи чакидаҳои ирфонӣ буд.
Ӯ буд нахусту охирин дар раҳи худ,
Чун гӯемаш фулонии сонӣ буд?





***Нусратуллоҳи Бобо***

## ТОҶИКИСТОН БУВАД ИСМИ Ӯ

Дареғо, дареғо, дареғо, дареғ,
Ки шуд офтоби адаб зери меғ.
Фиғоно, фиғоно, фиғоно, фиғон,
Ки тифли сухан монд бе соябон.
Дареғо, ки шаҳди сухан талх шуд,
Дареғо, ки қанди даҳан талх шуд.
Ба дил доғи бисёри сайёра рафт,
Чу Сино расиду ба "Гаҳвора" рафт.
Басо, ки мазори бародар биҷуст,
Дар ин ҳасрат ӯ аз ҷаҳон даст шуст.
Сари қабраш аз ашки мо лолапӯш,
Бувад андарун шамъдораш Суруш.
На дар торикистон бувад ҷисми ӯ,
Ки худ Тоҷикистон бувад исми ӯ.

Ба сӯгаш ҳама "Мавҷ"-ҳо дар фиғон,
Бувад хун зи чашми Днепр равон.
Куҷо рафтӣ, эй марди роҳи сухан?
Куҷо рафтӣ, эй қиблагоҳи сухан?
Буд оғозгоҳи ту Боми ҷаҳон,
Шуд охиргаҳат эҳтироми ҷаҳон.
Ки килкат ба эъҷоз дунё гирифт,
Сухан вазну тамкину маъно
гирифт...
Чӣ гӯям ба сӯгат дигар ҷуз дареғ,
Видоъ, офтоби шуда зери меғ!
Аё ахтари анҷуман, алвидоъ,
Сарахбори савту сухан, алвидоъ!

***Рудобаи Мукаррам***

## ЗИНДАГӢ ДАР ЁДҲО

Чун фазл буд мояи бахту нишоти ӯ
Ҳарфи наҷоти ақл расид аз нукоти ӯ.
Бар рӯи мо даричаи ёдаш кушода аст,
Ҳарчанд аҷал бубаст сарои ҳаёти ӯ.

Чун ворисони қавми асил бо виқор буд
Ҷону дилаш дар гарави нангу ор буд.
Во карда синаро ба дифои сухан ба сидқ,
Чун кӯҳсори меҳани худ устувор буд.

Ӯ муттакои зиндагӣ ғайр аз қалам надошт,
Чун қуллаҳои Боми ҷаҳон пушти хам надошт.
Тамкини ӯ чу сахраи санги ватан бувад,
Аммо ба дӯши дил зи алам бори кам надошт.

Аз шӯри дил чу ҳар гаҳе килку варақ гирифт
Аз тинати мунаввари ӯ маҳ сабақ гирифт.
Дорад дурахш ҷилваи шеъраш чу лаъли пок,
Ӯ тӯшаи муҳаббати шеър аз шафақ гирифт.





Чун нури Ҳақ тулӯъ бинамуда зи кӯҳи ҳақ,
Аз субҳи фарри худ бидамад чун шукӯҳи ҳақ.
То он даме ки дар рамақи ӯ мадор буд,
То дурҳо бирафт пайи ҷустуҷуи ҳақ.

Чашми ҳаёт боз намуд аз баҳори меҳр,
Ҳамчун баҳор дошт саропо шарори меҳр.
Имрӯз базми тӯйи гулу сабзаҳо расид,
Шайдои хастадил биравад аз канори меҳр.

*Чӣ асроре, ки пеш аз ҳамла хандақ ҳамлу хомӯш аст,*
*Вале хандақ ҳама ҳушу ҳама чашму ҳама гӯш аст.*

*Иззатманд Саломиён*

## ҚАНДИЛЕ КАНДА ШУД АЗ САҚФИ ШАРАРБОРИ ДАРӢ

Имшаб, ки ба ҳукми осмонии аҷал,
Роҳи нафаси намоди тамкин бишкаст,
Ҳар мисраи фарди риштаборон мегуфт:
Бо аҳли биҳишт сиришти Муъмин пайваст!

❁ ❁ ❁

Қандиле канда шуд аз сақфи шарарбори дарӣ,
Вараҷе канда шуд аз дафтари ашъори дарӣ.
Накҳати хоса рабуданд зи аттори дарӣ,
Вазну тамкини сухан бурд ҳаме қосиди марг.
Гавҳари отифае бурд аз анбори дарӣ,
«Сард шуд маҳфили ушшоқ ба дарбори дарӣ».

Қосиди марг ҳамебурд аламдори дарӣ,
Он ки буд доирараро нуқтаи паргори дарӣ,
Он ки султони сухан буд ба пайкори дарӣ,
Дар сари турбати ӯ гуфт яке бо шеван:
Он ки бо хеш барад лаззати гуфтори дарӣ,
«Сард шуд маҳфили ушшоқ ба дарбори дарӣ».



*Ва мегардад замин пора ба вақти ҳамла якбора,*
*Ва одам мебарояд аз замин монанди истора.*

*Бобаки Суғдӣ*

## ПАДАРИ ШЕЪРИ МУОСИР БИГЗАШТ...

Осмон мегиряд...
Буғз дар ҳанҷараш хӯрда гиреҳ,
Ҳамчу як ришта, ки пур аз гираҳ аст,
Нагзарад, дар васати дидаи сӯзан монад.

Нест Бозор дигар,
Рафт Муъмин ҳам аз ин даҳри пур аз ғуссаву ғам,
Ба хабаргирии ёрони қаламфарсояш,
Ба хабаргирии Турсунзода,
Ба хабаргирии шогирди азизаш - Лоиқ!

Шеър ҳам монд ятим,
Дидааш гирён аст,
Аз паси мурдаи устоди сухан,
Аз паси шоири миллат, ки ҳама умр нахӯрд
Ғами худрову ғами миллат хӯрд.
Бо алам ронд қалам,
Бо қалам ронд алам!

Вой аз қисмати шум,
Падари шеъри муосир бигзашт,
Шишаи нозуки дилҳо бишкаст,

Дар ғамаш қуллаи Помир, ки чун Рустам буд,
Таҳи бори алам аз пой нишаст!

Дод аз дасти аҷал!
Гарчи бо пои равон омада буд,
Дигар имрӯз равад сар сари даст,
Ҳамчу як кӯзаи зар дӯш ба дӯш.
Боз дар хоки Лучоб
Мешавад пайкари як шоир хок.
Мекашад ҷисми варо хок чу модар оғӯш,
Мекунад рози дили ӯро гӯш,
Медиҳад гӯш ба дарди дили пурармонаш,
Ба ғаму ғуссаи бепоёнаш!

Набзи шоир, ки тапид ин ҳама умр
Ҳамнаво бо тапиши набзи замон,
Ҳолиё хомӯш аст.

Ашки чашмони фалак
Аз сари шохаи мижгони саҳоб
Мечакад чун зардоб.
Осмон бо ҳама андӯҳи бузург
Бар сари турбати фарзанди замон мегиряд...





***Фирдавси Аъзам***

## СУХАНҲОЯШ АЗ ҶИНСИ ШАМШЕР БУД

Шунидам, ки устоди шеъри баланд,
Ки буд рӯзгоре каме дардманд.
Ба ҳаштоду шаш омаду пар кашид,
Дилам хун шуд аз дида, ашкам чакид.
Дуо мекунем аз Худованди ҷон,
Ки шодӣ бубахшад ба рӯҳу равон.
Бубахшад ба ҷонаш шукӯҳи дигар,
Набахшад ба мо ғуссае бештар.
Ки мо худ ба андоза ғам дидаем,
Хуширо, дареғо, ки кам дидаем.
Дилам ғарқи хуну ғамам сип-сиёҳ,
Ба марги Қаноат кашам оҳ-оҳ!
Ҳамон кас, ки аз аслу фарҳанг гуфт,
Ки лаънат ба дунёи пурҷанг гуфт.
Забонро гушуду бигуфт аз Ватан,
Арабро замин зад ба мушти сухан.
Суханҳояш аз ҷинси шамшер буд,
Ки дар шоирӣ ҳам худаш шер буд.
Ҳамон шеърпардози бо нангу ор,
Бигуфт достонҳое аз ҳар диёр.

Ҳамоне ки «Шоир ва Шоҳ» офарид,
Ки торих мислаш нахонду надид!
Ва ё достоне зи Масъуд гуфт,
Ки аз «Толиб», аз ҷангу аз дуд гуфт.
Ва аз Ибни Сино фаровон навишт,
«Ситора, Зуҳал, Ҳинду Юнон» навишт.
Бигуфт Тоҷикистон садои ман аст,
Ки исму садои расои ман аст.
Навишт аз Днепр, шукӯҳи Тарас,
Ки бо хонданаш хуш шавад рӯҳи кас.
Гаҳ аз Панҷу гоҳ аз Бадахшон навишт,
Гаҳ аз шӯри мавҷи Зарафшон навишт.
Зи «Шабҳои бехобӣ»-аш қисса кард,
Чи шабҳо саҳар шуд дар андӯҳи сард!
Ки «Кӯи сафед»-аш намонду бирафт,
Ғаме дар дили ӯ нишонду бирафт.
Ҳадис аз забон гуфт ба лафзи дарӣ,
Ки қанд асту панд асту афсунгарӣ.

❁ ❁ ❁

Хулоса, Қаноъат, қаноти адаб,
Вуҷудаш шукӯҳу нишоти адаб.
Қаноъат гузашту қанотам шикаст,
Ҷаҳон дар ба рӯи тағаззул бубаст.





Бадахшон, кунун ҷомаи худ бидар,
Ки рафт аз дилат лаъли ин бому дар.
Душанбе, ту ҳам мотамистон шудӣ,
Дилоро наӣ, шаҳри ҳирмон шудӣ.
Ва Лучоб, дилтанги Устод буд?
Ки даъват намудаш ба гуфтушунуд.

❁ ❁ ❁

Дуо мекунам ғуссаҳо дур бод!
Ки Устод дар бистари нур бод!

*Ҳазорон ҷони ширин дода ё бар хок ё бар бод,*
*Ки бошад ҷони одам дар бадан ё дар ватан озод.*

**_Исмоил Зарифӣ_**

## ПАДАРИ ШЕЪР ЗИ ДУНЁ БИГЗАШТ

Падари шеър зи дунё бигзашт,
Шаҳсавор аз бари саҳро бигзашт.
Кӯҳи Помир бигиряд зи ғамаш,
Чашмаи поку мусаффо бигзашт.
Соғари шеър зи дасташ афтод,
Давраи соғару саҳбо бигзашт.
Ғам гиребони ман аз нав бигрифт,
Пири ашъори дилоро бигзашт.
Дахр дар мотами ӯ мегиряд,
Паҳлавонмарди тавоно бигзашт.
Эй басо, шишаи дилҳо бишкаст,
Мӯниси ҷумлаи дилҳо бигзашт.
Андалеби сухан аз чаҳ-чаҳ монд,
Ҳамдами ғунчаи зебо бигзашт.
Раг ба раг, мӯй ба мӯ мегирям,
Гирям аз он яли якто, бигзашт.



*Ҳадиси ҳар шаҳид аз зиндаҳо тафсир мехоҳад,*
*Набарди ҳар шаҳиде нуқтаи тасвир мехоҳад.*

**_Набиюллоҳ Суннатӣ_**

## ҶАННАТМИСОЛ

Гуфтам чаро дахрӯзаҳо,
Ин осмон дар нола аст?
Ҳотиф нидоям карду гуфт:
Чашмам ба маргаш жола аст:
Муъмин Қаноат даргузашт!

Абрӯи абри пургиреҳ
Таъзиядорӣ менамуд,
Бо марги Бозори Сабур,
Инак бибoрад ҳамчу рӯд
Муъмин Қаноат даргузашт.

Кулбори шеъри порсӣ,
Бо як-ду шоир монду бас.
Тарсам, ки миллат боз ҳам
Қадраш надонад баръабас.
Муъмин Қаноат даргузашт.

Тарсам, ки шеъри миллатам,
Ҳамчун ятими хастае,
Талбанда гардад дар ба дар,
Чун ҳолиё побастае.
Муъмин Қаноат даргузашт.

Алъон баҳори кишварам,
Барвақт чун пойиз шуд.
Тарсам, нагӯянд, одамон
Шеъри дарӣ ночиз шуд.
Муъмин Қаноат даргузашт.

Рӯҳаш даме парвоз кард,
Гуфто барои анҷуман:
Бишнос қадри шоирон,
Дар ҳиҷрату андар Ватан!
Муъмин Қаноат даргузашт.

Дар моҳи поки раҳматаш,
Одинарӯзи анбарӣ.
Ҷаннатмисоле аз ҷаҳон,
Ҷонро намуд аз тан барӣ,
Муъмин Қаноат даргузашт.

*Ҳама хоки худо бошад ибодатхонаи одам,*
*Агар як хонае сӯзад, бисӯзад хонаи Олам.*

***Бузургмеҳри Тоҷиддин***

## ОХИРИН ДОСТОНСАРО БИГЗАШТ

Абр бигристу аз само бигзашт,
Пора-пора аз он саро бигзашт.
Шом то дер монду субҳам дур,
Охирин достонсаро бигзашт.
«Мавҷҳои Днепр» ғарқам кард
Ӯ, ки бо покию сафо бигзашт.
Буд пайванд бо ғами дунё,
Лек аз шодияш ҷудо бигзашт.
Ончунон дард то дилаш раҳ ёфт,
К-инчунин аз сари даво бигзашт.
Қалби ӯро ҷаҳон ба хок бидод,
Рӯзгори ками вафо бигзашт...



*Чӣ хокистар шудему оташи мо сӯхтан дорад,*
*Чароғи рӯҳи мо аз офтоб афрӯхтан дорад.*

***Абдулқодири Алавӣ***

## ШЕЪРРО ДОДИ ШУКӮҲИ БЕШТАР

Хомаат ҳамчун синону ҳам сипар,
Килку худкорат қавитар аз табар.
Дар зуҳур болопараст ҳамчун уқоб,
Муъмино, аз ту набуд муъминтар.
Миллатеро монда маҳзуну низор,
Рафтиву гаштем мо хуни ҷигар.
“Ҳам ба азму ҳам ба разму ҳам ба базм”,
Ту барои мо будӣ ҳамчун падар.
Қад алам кардӣ зи Дарвози куҳан,
Сарзамини нозанини шеъри тар.
Мояи фахр аст, ин кӯчак Ватан,
Бо ту, эй пайғамбари шеъру шарар.
Ногаҳон хомӯш рафтӣ з-анҷуман.
Монда моро баъди худ беболу пар.
Дар сухан болотарин пайғамбарӣ,
Рӯдакиро номбардори дигар.
Дар ҳамоса инқилоб овардаӣ,
Хирқаи Фирдавсиро дорӣ ба бар.
Шеъри тоҷик бо ту авҷи тоза ёфт,
Шеъррро додӣ шукӯҳи бештар.

*Баробар сохтам бо нуру бо зулмат ҳисобамро,*
*Видоъ, акнун ту меёбӣ ҳисобамро... китобамро...»*

**Санавбар Шерова**

Во дареғ, аз ин диёр як мурғи хушгуфтор рафт,
Булбули ширинадо аз шохи ин гулзор рафт.
Ёд меорем шогирдон варо бо зикри хайр,
Ҳайфи он марди асил бар даргаҳи Ҷаббор рафт.
Ҳамчу Саъдию Саноӣ буд дар айёми мо,
Аз миёни шоирон чун Румию Аттор рафт.
Қалби худро реш карду дар ғами халқи диёр,
Дарду доғи халқ бурд, бо синаи афгор рафт.
Қабз кард ҷонаш аҷал дар як шаби моҳи шариф,
Масканаш Фирдавс бодо, марди нотакрор рафт.
Мурғи илҳомаш фитод аз осмони шеъру ишқ,
Ҳайфи он Муъмин, мисоли оҳу аз куҳсор рафт.



*Касе ғарқи зимистон шуд, ба тобистон намеояд,*
*Зи Ҳиндустон хабар ояд, зи гӯристон намеояд.*

**Рустами Аҷамӣ**

Масъуди ситамшикан ҳамин ҷост,
Фарзанди ту, эй Ватан, ҳамин ҷост.
Дар хоки ту ҳар ваҷаб далерест,
Сарбози ту, эй Ватан, чу шерест.
Эй меҳани мардпарвари ман,
Ишқи ту ҳамеша дар бари ман.
Чун Муъмини поки ту азиз аст,
Ҳар тикаи хоки ту азиз аст.
Ин ҷост шукӯҳи зиндагонӣ,
Майдони набарду паҳлавонӣ.
Он марди ситамшикан ҳамин ҷост,
Фарзанди ту, эй Ватан, ҳамин ҷост!

*Ба рӯи мо ҳамоно давр мезад тиру меборид,*
*Даруни беша гӯё дар найистон шӯъла мекорид.*

*Шавкат Бадеъзода*

## БИДРУД!

Шоиро, бидруд, бо сарводу дастони баланд!
Вориси Фирдавсиву мардони майдони баланд!

Махзани дурри дарӣ, ганҷури панди порсӣ,
Ком ширин мекунад қанди ту аз хони баланд!

Баркашидӣ ҳарфу маънӣ бо тарозуи хирад,
Бартарин омӯзгорӣ дар дабистони баланд!

Обутоби зар суханро озарахши офтоб
Мерасонад арҷманд ин гуна инсони баланд!

Медурахшад вожагони шеъри бемонанди ту,
Назмро лаъли Бадахшониву аз кони баланд!

Баъди Лоҳутӣ ту давлатёр Устоди Сухан,
Алвидоъу хайр, Муъминшоҳи Девони Баланд!



*Ба дил гуфтам: Ба ин аҳвол мурдан шеваи ман нест,*
*Намонад кишваре поянда, гар ӯро Таҳамтан нест.*

*Бузургмехри Баҳодур*

Ҳар он шоир, ки пайдо дар Аҷам шуд,
Ҳамеша чашми ӯ аз гиря нам шуд.
Агарчи шаҳди шеърашро чашидем,
Шаробу шираш аз дарду алам шуд.
Аз он ғам мерасад моро каму беш,
Ки ӯ ғамхор буду ғусса кам шуд.
Нашуд ҷо пири Тусӣ дар мазоре,
Пас аз дар хона мурдан мухтарам шуд.
Ба таърихи Аҷам то сакта н-афтад,
Ҳазорон сактаи дил дам ба дам шуд.
Зи баъди марг ҳам ором нагрифт,
Дарахти гӯри шоир ҳам қалам.

*Зи равзан дид рӯи офтоби навбаҳоронро,*
*Ба гирди офтоби зард мавҷи лолазоронро.*

*Хиромон Нематзода*

## ҚУВВАТИ ДИЛ БА СУХАН БУДӢ...

Оҳу афсӯс, дилам садпора,
Дар сухан боз шудам овора
Шеърро шӯру шаре ҳеҷ намонд
Баъди ту, эй ба сухан Маҳвора.
Қуввати дил ба сухан будӣ, вале
Бишикастӣ дили мо якбора..
Омад аз рафтани ту лашкари ғам,
Рехт хуни дили мо ҳамвора.
Ба сухан чораву тадбир будӣ,
Лек дар пеши аҷал бечора.



*Дарахтон давргардон руста сӯи осмон рафтанд,*
*Ба сӯи бешаи нилуфарии ҷовидон рафтанд.*

*Сапедаи Муҳаммад*

## МАРАВ ШОИР

Марав шоир, ки баъди ту сухан бечора мемонад,
Гулу гулғунча мемирад, чаман бечора мемонад.

Марав шоир, ки ҳарфи ишқ аз шеъри лабам лағжад,
Сафои ишқ дар ҳар ҳарфи ман бечора мемонад.

Марав шоир, ки дар боғи Ватан сад орзу хушкад,
Ниҳоли шеър дар хоки Ватан бечора мемонад.

Ман аз дарди ту огаҳ будаму қалбам фиғон мекард,
Ки армони бародар бесухан бечора мемонад...

Бимон шоир, мабар атри нафасҳои баҳоронро,
Ки аз марги баҳорон настаран бечора мемонад.

Бимон шоир, марав, қуи сафеди гулшани маънӣ,
Шукӯҳат баъди ту дар анҷуман бечора мемонад...

*Ба боло рафт... боло рафту пинҳон шуд,*
*Даруни гавҳари чашмаш фурӯзон шуд.*

***Нурӣ Муҳаммади Истам***

## ТОИРИ ПАРИДА АЗ ҚАФАС

Ҳамон даме, ки зи дунё гузаштани ту шунидам,
Чи қадр ғам ба дил омад, зи шодиҳо бибуридам.

Намози асру ҳавои гирифта буду ҳамон дам,
Барои таъзияту таслият зи роҳ расидам.

Намози шом чунон селборише шуду ҳаргиз
Ба умри хеш чунин гиряҳои абр надидам.

Ту ҳам бирафтӣ аз ин олами фаноиву нилӣ,
Ва бемуроду умеде ман аз пасат бидавидам.

Ду рӯзи дигар агар умр ин ҷафо нанамудӣ,
Ба зодрӯзи ту шояд, ки хандаҳои ту дидам.

Ба моҳи рӯзаву рӯзи саъиди ҷумъа бирафтӣ,
Ба ҳар намоз бароят кунам дуои сапедам.

Даме, ки рад шудам, аз чашмҳои акси ту хондам:
«Раҳо шудам зи қафас, сӯи осмон бипаридам».



*Сиришки ҳамчу оташ меравад аз дидаи анҷум,*
*Ду чашми хонаи хуршедро пӯшед, эй мардум!*

***Азизи Сангин***

Тоҷикистон, дар ғами Муъмин Қаноат гиря кун,
Дар видоъи марди роҳӣ сӯйи ҷаннат гиря кун,
Роҳро бо ашки чашмон об зан, покиза кун,
Баҳри имрӯзи сухан, фардои миллат гиря кун...

❂ ❂ ❂

Аз ту оини сухан омӯхтем,
Вазну тамкини сухан омӯхтем,
Аз сурушат талхии дарди Ватан,
Ишқи ширини сухан омӯхтем.

Мавҷҳое, к-аз вуҷудат сар кашид,
Аз Днепир то ба Помир бар кашид,
Ҳаҳми мавҷи ҳикмату андешаат,
Мулкҳоро, қитъаҳоро даркашид...

Сабру тамкин аз равонам меравад,
Ахтаре аз осмонам меравад,
Шоири олинишонам меравад,
Шеьр мемонад...ҷонам меравад...

*Ба роҳи ҳақ басе ҷон додаму аз ҷон чӣ мепурсӣ,*
*Ду раҳ мурдам дар ин майдону аз майдон чӣ мепурсӣ?*

***Адибаи Азиз***

Шоири мағрур буду шоири бедор буд,
Шоири огоҳ буду шоире меъмор буд.
Сарбаланду арҷманду бегазанду дилписанд,
Чашмае аз фарқи сар, аз синаи кӯҳсор буд.

Зиндагӣ поён расад чун обшорон бар замин,
Бандагӣ хат мекашад оҳиста бар рӯи ҷабин.
Шоири машҳури мо аз дори ин дунё бирафт,
Шоири қоматбаланд аз сарзамини нозанин.

Достони исми ӯ дар шаҳкитоби миллат аст,
Номаҳои ҷангиаш аз печу тоби миллат аст.
Мавҷҳои саркаши бераҳми дарёро гузашт,
Гавҳари ашъори ӯ дурри сароби миллат аст.

Рафт аз мо, дур шуд, бо ахтарон наздик шуд,
Ман сияҳпӯшам, ки як субҳи сафо торик шуд.
Шамъ мурду зинда худ парвонаҳои шеъри ӯ,
Машъале дар ҷодаҳои миллати тоҷик шуд.

Дар миёни даштҳо тилло бишуд бинвиштааш,
Ҳамчу гандумҳо азиз он донаҳои киштааш.
Осмон шод аст аз ин дурдонаи рӯи замин,
Мезанад лабханд бар мо сояи африштааш.



*Маҳи нав андаруни ҳалқаи абр аст ё дуд аст,*
*Шаб оташзою оташбоз ҳамчун иди мавлуд аст.*

***Абдураҳмон Сулаймонӣ***

Аз самои Тоҷикистон наҷми тобон рафт-рафт,
Орифе, равшандиле, мавлои даврон рафт-рафт.
Рафт ӯ аз байни мову дидагирён гаштаем,
Шамси тобон аз миёни ахтаристон рафт-рафт.
Рафт Мавлонои Балху Пири Тӯсии замон,
Ворисӣ шеъру сухан авсофу дастон рафт-рафт.
«Тоҷикистон исми ман» гуфту Синоро алла гуфт,
Мавҷ андар мавҷ, дарёи хурӯшон рафт-рафт.
Ҳиҷраташ зулмонӣ кард афлоки шеъри покро,
Аз назарҳои муҳибон бар дилу ҷон рафт-рафт.
Гар сухандон бешу шоир боз аз он бештар,
Аз замин он шоири яктои даврон рафт-рафт.
Шеъри ӯ пайвандсози меҳру моҳу дӯстист,
Дӯстдори хоки поки Тоҷикистон рафт-рафт.
Бурдааст то осмон ӯ шеъри нобу тоҷикон,
Доғи ӯ дар қалби ёрон назди ҷонон рафт-рафт.
Шуд Сулаймонӣ забуну зор дар рӯзи видоъ,
Бар диёри хеш бо сад оҳу афғон рафт-рафт.

***Алиакбари Сафар***

Мӯъмин буда, ки шуҳрати достон шуда эҳё,
Пайғомбари эҷод ба кайҳон шуда эҳё.
Аз зоти гуҳарпарвари тоҷикзани деҳот,
Алломаи шеъри Аҷамистон шуда эҳё.
Гӯянд, ки таърих гувоҳ аст, гувоҳ аст,
Дар Рахши сухан, Рустами дастон шуда эҳё.
Дар маҳзари андарз самои сухан афзуд,
Иксиргари девони Хуросон шуда эҳё.
Аз манҷаи хоки камари теғи сияҳпӯш,
Соҳибназаре аз гули хандон шуда эҳё.
Эй Панҷи парафшону парешони худогӯ,
Аз саргаҳи ту субҳи дурахшон шуда эҳё.
Шаббодаи шеъри ту вазид аз нафаси субҳ,
Дар нағмаи ту лаъли Бадахшон шуда эҳё.
Хуноби қалам лола дамид ёла ба ёла,
Дар мотами ту рӯҳи хамӯшон шуда эҳё.





***Хуршед Зиёӣ***

## ГАНҶИ ДАРВОЗ

Сели хун - Хумбобу Курговад ба Ҷайхун тохтанд,
Бо хабар аз марги Муъминаш ҷигархун сохтанд.
Хун ҳамегиряд кунун ин модару ду тифлакаш,
Чунки ганҷи беҳтарини соҳили худ бохтанд.
Кӯҳу пушта ҳам зи марги шоири чун ганҷи худ,
Лолаи хунини дарвозӣ ба сар афрохтанд.
Зор менолад зи ғам ҳар санги Дарвоз аз фалак
В-аз само, ки ганҷ инро кам баҳо пардохтанд.
Лек мардум ганҷ инро на ба хок, аз қимматиш
Хонаи осори ғамҳои Ватан андохтанд.

**Мақсад Ҳусейнзода**

## АДИБЕ БИРАФТ

Маро шиква аз чарх бошад ҳазор,
Адибе бирафтаст аз рӯзгор.
Адибе, ки номвари даҳр буд,
Ки ноқобилӣ баҳри ӯ заҳр буд.
Адибе, ки ганҷи маонӣ дар ӯй,
Адиби суханвар, ҳаме ростгӯй.
Адибе аз ӯ миҳанаш фахр дошт,
Адибе, ки дар даҳр маънӣ бикошт.
Хирадмандӣ он шеваи ӯ бувад,
Ки борик ҳам андешаи ӯ бувад.
Хирадро ба гардун сутудан равост,
Адиби суханвар ҳаме порсост.
Ки аз ҷанг ӯ ҳикмати даҳр ҷуст,
Ба байте маонии пуррамз руст.

Ки аз дидаҳо гар бирафт ин замон,
Ба дилҳои ориф бикарди макон.
Ки бо саҳфаҳояш ҳаме зинда аст,
Хирадмандиаш низ поянда аст.
Чу Мӯъмин буд ӯ порсое чунин,
Ба гаҳворае барбиҷусти Замин.
Заминро биларзонд гаҳворае,
Ки ҳам бебашар ҳаст бечорае.
Чу Ванҷам аз ӯ иззату фахр дошт,
Ки тухми суханҳои некӯ бикошт.
Ба олам суханвар бувад сарбаланд,
Ки аз ӯст аз баҳри мо нек панд.
Дар олам сухан монд то ҷовидон,
Суханвар ҳаме зиндааст дар ҷаҳон.





**Аъло Умарзод**

Панҷи нооро сокит шав!
Қаноат пеша гир!..
Муъмини лабташнаат
Бар сӯи дилҳо рафт-рафт!!!!..

❂ ❂ ❂

**Саъдоншоҳи Улфатӣ**

Падарсолори назми мо зи мо рафт,
Чу нури илму фан сӯи само рафт.
Яке Бурҷе, ки дар рӯйи Замин буд,
Мисоли нури хур сӯи Худо рафт.

❂ ❂ ❂

**Ҳорун Роъун**

Тоҷикистон! Сӯги мо саршор рафт,
Боғу хона амкарат аз кор рафт.
Зилзила бо селу тӯфон шона дод,
Сақф афтод аз пайаш, девор рафт.
Не қанорӣ монду не булбул ба боғ,
Ҳам Қаноат рафту ҳам Бозор рафт.

❂ ❂ ❂

**Аҳлиддин Ҳисорӣ**

Номбардори Ватан ӯ буду рафт,
Зебу ҳусни анҷуман ӯ буду рафт.
Эътиборе дар сухан дигар намонд,
Вазну тамкини сухан ӯ буду рафт.

*Ба ёд омад маро як суннати сайёди ботадбир,*
*Камонро гӯр бинмояд зи баъди сайди сад нахчир.*

***Меҳровари Масчоҳӣ***

Аз ҷаҳони фонӣ кандӣ мақдамат,
Менависам дард андар мотамат.
Гарчи танҳо рафтаӣ аз чашми мо,
Тоҷикистон гиря дорад аз ғамат.

Муъмино, ҷои ту акнун синаҳост
Номи некат то абад ҳамроҳи мост.
Номи нек андар ҷаҳон миранда нест,
Ҳар касе ҳам мисли ту арзанда нест.



# НАЗАРИ ШОИРОН ВА ДОНИШМАНДОН БА ШЕЪР ВА ШАХСИЯТИ УСТОД МУЪМИН ҚАНОАТ

*Лоиқ Шералӣ*

## ШЕЪРИ НАВ
**(Ба Муъмин Қаноат)**

Шеъри нав бархост ҳамчун одами нав,
Ҳамчу тифли инқилоб
Бо саволу бо ҷавобу бо хитоб.
Захмҳои пушти Айнӣ сатрҳои ӯ шуданд,
Оҳҳои хашмолудаш нидои ӯ шуданд.
Ҳар дари зиндон, ки бар рӯйи асирон боз шуд,
Боби озодӣ кушуду шеъри нав оғоз шуд.
Сабки раҳгардии аскарҳост «Марши ҳуррият»,
Пеш-пеши радда гӯё табли озодӣ занад.
Шеър бо хуни дилу нӯки синон таҳрир шуд,
Дарди асроасраи таърихро тадбир шуд.
Шеър чун сарбози миллат шӯр афканду қиём:
– Интиқом аз охирин маснадшиносон, интиқом!
Калтаки сурху камону шохаю шамшерҳо
Байтҳои зарбадору тири мардафкан шуданд.
Тоҷҳо талқон шуда дар зери чархи тӯпҳо,
Тахтҳо бар тахтдорон оқибат мадфан шуданд...
Лек захми пушти Айнӣ то ҳанӯз
Дар дили ман хуфтааст.
Захми чашми устоди панҷрӯдӣ



Дар дили ман хуфтааст.
Захмҳои синаи ман қиссаи ногуфта аст.
Аз Бухоро то дили ман як ваҷаб роҳ асту бас,
Роҳи назми Рӯдакию роҳи аҷдоди ман аст.
Ман ба ин раҳ меравам пуршӯртар,
Меравам бар дуртар, бар дуртар.
Шеъри мо ҳар қадр лангардору шевотар шавад,
Захмҳои пушти Айнӣ он қадар ёбад шифо,
Чашмҳои Рӯдакӣ он қадр бинотар шавад.

*Аз ин назми шикаста ҳикмати Ҷамшед меояд,*
*Ки зулмат бор бандад, хандаи хуршед меояд.*

*Бозор Собир*

## БА УСТОД МУЪМИН ҚАНОАТ

Дар баҳри арӯз ҳам чу дар баҳри муҳит
Гӯянд, ки дар садаф шавад марворид.
То дар садафи чашми ту парварда шудем,
Чун гавҳари чашм гавҳари зинда шудем.

❂ ❂ ❂

Ойинаву ойини Шумо фарқ надорад,
Дар ҳар ду, ки ман менигарам, қарқ надорад.



*Садои занги мактаб ин саҳар дар кӯҳ мепечид,*
*Навои зиндагӣ дар қуллаи андӯҳ мепечид.*

*Аскар Ҳаким*

## ШОҲРОҲИ НАНГ Ё ДЕВОРИ САНГ

Хоб дидам саҳаре, дар мошин
Бинишаста ману ту танготанг,
Боз аз ҷумлаи мо, як-ду нафар,
Банди номусу писархондаи нанг,
Он қадар тунду парон мерафтем,
Ҳар кӣ медид, ҳамекандаш ҳанг.
Сад карат тезтар аз суръати тир,
Аз камоне, ки кашиданд таранг.
Ҳар чӣ будӣ ду тараф, чархзанон
Чарх мерафт ҳамоно чун чанг.
Ҳама парвозу шитобу суръат,
Номе аз ист набудиву диранг.
Лек ногоҳ фуруд омад меҳ,
Пеши раҳ парда зада сад фарсанг.

Ғарқи худ сохт ҷаҳони равшан,
Баста шуд мадди назар, дилҳо танг.
Чашм дар қулзуми меҳ меғӯтид,
Гӯш мезад зи дави мошин занг.
Мепаридем вале мо чу садо,
Гаҳ ману гоҳ ту фармон дар чанг.
Ҷони бинанда ба мо меларзид,
Ҳар қадар буд инонтозу зарангг.
Гуфтам, эй ҷон, дигар асло набувад,
Ки кунӣ суръати пасте оҳанг.
Ҳар чӣ пеш аст, ҳамон қисмати мост,
Суръат афзой, намебояд ланг.
Он чӣ мо хоста - шаҳроҳе нанг,
Он чӣ он хоста - деворе санг.

***Сайидалӣ Маъмур***

## КУРГОВАД

Деҳаатро надидаам,
аммо
Огаҳам аз нумӯи Курговад.
Шеърҳои баланду рангинат
Мекунад рангубӯи Курговад.

Нусхае аз баландии рӯҳ аст,
Ман аминам, чунин қаду қомат.
Дидам аз қомати баланди ту,
Ман баландии кӯҳи Курговад.

Ҷой-ҷое чу мӯйҳои сарат
Барф дар рӯи қулла мехобад,
Аз сафедии мӯйҳои ту
Қуллаи кӯҳсор метобад.

Ман зи рухсори нурбори ту
Дида нуру сафои Курговад,
Дарк кардам зи чашмаи шеърат,
Покии чашмаҳои Курговад.

Рӯи дарёчае пуле дидам,
Дарзамон абрӯят ба ёд омад.
Мижагонат ба хотирам сабзид,
Ҳамчунон майсаҳои Курговад.

Дида чун дидагони пурнурат
Нурбор офтоби Курговад.
Ман зи чини ҷабини ту дидам,
Роҳи пурпечутоби Курговад.

Дастҳоят, хаёли ман буданд
Шохаҳои дарозу пурқувват.
Ман зи ангуштҳои ту дидам
Навдаҳои дарахти Курговад.

Ман зи набзи равони ту дидам,
Ҷӯяҳои равони Курговад.
Чун дили беғубори ту дидам,
Беғубор осмони Курговад.





Дидам аз шеъру достонҳоят,
Рӯи пиру ҷавони Курговад.
Дидам аз «Гаҳвораи Сино»,
Ворисон - тифлакони Курговад.

Аз тую аз «Падар» шунидам ман,
Қисмати зиндаи Бадахшонро.
Аз қадамҳои устувори ту
Бинам ояндаи Бадахшонро.

Аз баландии абрӯи ту
Шуд баланд эътибори Курговад.
Ман набинам хазони умратро,
Монад он чун баҳори Курговад.

Ман набудам ба деҳаат боре,
Лек дидам ҷамоли Курговад.
Дар тую дар камоли фардоят,
Боз бинам камоли Курговад.

**Сиёвуш**

## СУРУШЕ ДИГАР

*Баро, эй Маҳдии охирзамон аз маҳди сангинат!*
*Баро аз олами ойинаву ойини рангинат!*
**Муъмин Қаноат**

Омадам, то хандаи талхи туро эй дӯст,
Рӯйи наъши он футувват, он ҷавонмардӣ кунам фарёд!
Он умеди ноумедатро ба Фардоҳойи Фаррухфар
Рӯйи гӯри орзуҳойи ҷавонмаргӣ кунам бунёд!
Барг-барги он китоби зардсабзи хотиротатро
Рӯйи фасли бебаҳоронат диҳам бар бод!

Омадам ман аз Башорат,
Омадам ман аз Суруши ту,
Омадам ман ин ҳама фарёд бар тавҷеҳи ғамҳойи хамӯши ту!

Омадам,
То бори сангини, хиёнатҳо, ҳақоратҳо, ҷиноятҳойи ёрони туро, эй дӯст
Дар шикасти шонаҳои худ кунам эҳсос
Ранги зарди Интизоратро
Дар маҳини пиччаҳойи сабзи маҷнунбед,
Ва ниёишҳойи покатро
Дар фарози шохаҳойи он чанорони буланду бовиқори шаҳр
Ки миёни боғ
Ин ҳама мағрур мемиранд...





Интизори ту бар он Маҳдӣ зи Маҳди Санг
Интизоре талхтар аз Марг
Интизоре, ки дигар мардум надорандаш чунон бовар,
Омадам то Интизоратро кунам тасдиқ,
Омадам то Интизоратро кунам таъйид,
Омадам то Интизоратро кунам тамдид.
Ин ҳама сангин!
Омадам то бори қоматбишкани он интизоратро кунам тақсим.

Ту марав! Чанде дигар мебош, мебояд Касе ояд,
Бар ҷаҳони Бекасистонат!
Ту марав! Чанде дигар мебош, меояд Касе бояд,
Бар кавири Нокасистонат!
Ту марав! Чанде дигар мебош, мебояд ва мешояд ва меояд
Маҳдие аз Маҳди Сангини Кӯҳистонат
Тоҷике аз Тоҷикистонат!
Омадам, то ин сукути пур зи андӯҳи фаҷеъатро,
Дар ҳаёҳуйи пур аз андӯҳи бадмастон
Ва саломи гарму нарматро,
Дар хашини фаҳшу таҳқиру риёву ранг,
Андар ин дунёи пур аз ҳилаву найранг,
Бишнавам, эй дуст!

Омадам, то аз ҷавонмардӣ ба ман гӯйӣ,
Омадам, то аз ҷавонмардон бароям қиссаҳо хонӣ,
Омадам, то аз Хишоёршо бигӯйӣ хотиротатро
В-аз Сикандар гӯйӣ в-аз Рухшонаи зебо

В-аз ҳар он чи буд
В-аз ҳар он чи нест…

Омадам, эй Дӯст!
Боз кун, инак, дари худро ба рӯйи ошиқе сармаст,
Ки раҳи сарманзили он ёрро дар кӯчаи он ёр гум кардаст,
Ва дар ин шаҳре, ки инак номҳойи кӯчаро ҳам дигар карданд,
Номаҳойи пур зи дарди ошиқони бовафоятро,
Бори дигар дода бар хурдори оташ, аз сари исён
Ва дубора,
Балки садбора,
На, балки садҳазоронбора
Дар торихи ғамгинат
Фасли навро дар китоби буданат бо хуни гарму тоза сар карданд.

Ва дубора дар гулӯйи шаҳвати исён
Шоирони тарзабон он хомаҳойи хушки худ
дар хуни поки халқ тар карданд,
То ки торихи навини ин шикастатро
То ки торихи навини фотеҳонатро, ВАТАН,
Бо хуни поки Халқ бинвисанд!

Омадам, эй дӯст!
Омадам ман аз Башорат,
Омадам ман аз Суруши ту,
Инак, ин фарёдро бишнав. Ҳамово шав,
Инак ин овозро парвоз деҳ дар ин Хамӯшистон
Омадам ман, омадам ман аз Хамӯши ту!





*Мирзоҳусайни Бадалипур*

## МАРДИ ТАМОМ

Мо ҳама шефтаи фалсафаи шеъри туем,
Толиби илм ба он мадрасаи шеъри туем.
Эй ту меъмори сухан, ҳар суханат ҳикмати хос,
Аҳли таъзим бар он ҳандасаи шеъри туем.

Аз каломат ҳамагӣ файзи маъонӣ бирасад.
Хастаҷонро фараҳи рӯҳу равонӣ бирасад.
Навбаҳори суханат бар дару кошонаи мо,
Хурраму шод чу Наврӯзи ҷаҳонӣ бирасад.

Эй сафедори баланде, ки ту болоназарӣ,
Аз замин сӯи само пайку паёме бубарӣ.
Мо, ки печидаи хешему ту ворастаи худ.
Орифе, к-аз дилу аз дидаи мо бохабарӣ.

Бар масал Хоҷаи Шероз зи Дарвоз туӣ,
Ошиқонро ба сухан маҳраму ҳамроз туӣ.
Бар сари гулдараҳову чаману боғи Ватан,
Булбули нағмасаро, кабки хушовоз туӣ.

Дар биёбони талаб бар ҳамаи ташналабон,
Бодаи шеъри тарат шарбати маънист ба ком.
Аз Сурушат бирасад ҳар даму ҳар лаҳза салом,
Эй зиҳӣ марди Ватан, марди сухан, марди тамом.

*Муҳтарам Ҳотам*

Вусъате ку боли парвози маро?
Осмон танг аст шаҳбози маро.

Фурсати оғози ин раҳ танг буд,
Каҳкашон мебояд оғози маро.

Дар замона орифе танҳо манам,
Ошиқон донанд ин рози маро.

То Суруш овозаамро бурда буд,
Ҳам Суруш оварда овози маро.

Ту ҳаме бардоштӣ болои чашм,
Кӯҳ кай бардорад ин нози маро...





*Маҳдӣ Ахавони Солис*

## ЯК БОРИ ДИГАР...

**(Пешкаш ва нисор бар қадами шоири ҷавони тоҷик Муъминшоҳ Қаноат)**

Як бори дигар абас дар ойина
Ғамгину хамӯш ханда
бар ман кард.
Як бори дигар зи хӯшаи сигор
Дар ойина оҳу дард хирман кард.
Машриқ чубуқи тилоии худро
Бардошт, ба лаб гузошт,
равшан кард.
Зарриндуде гирифт оламро,
Офоқ ридои рӯз бар тан кард.
В-он зулфи гули батуни обипӯш,
Боғе гули оташӣ ба доман кард.
Товус гушуд чатри буқалмун,
Хаффош ба кунҷи
ғор маскан кард...
Ҳарчанд, ки тоза мекунӣ дардам,
Эй субҳ, салом бар
ту хуш ҳар дам!

**_Набӣ Хазрӣ, шоири Озарбойҷон_**

## ШАБИ ШОИР
**(Барои шоири тоҷик Мӯъмин Қаноат)**

Рухат чун Каҳкашон равшан,
Дилат чун нури маҳтоб аст.
Ғунуда оламе ҳоло,
вале чашми ту бехоб аст.

Тамоми шаб нахуспидӣ,
Шудӣ хуни ҷигар чандон
Бигӯ, андар замири ту,
чӣ эҳсосе бувад пинҳон?

Ҷаҳоне шавқу хушнудӣ,
Ҷаҳоне дарду ғам дорӣ,
Замину зиндагӣ хуфта,
ту бедорӣ, ту бедорӣ...

Гумонам мисли дарёе
нахуфтӣ солҳои сол...
Дар оғӯши чанористон
Шаби деҳ босафо бошад,
Зи тиреза маҳи тобон
ба хона равшанӣ пошад.

Насиби аҳли дил буда
Нахуфтан дар дили шабҳо,
Нахуспад дидаи онон,
мисоли чашми кавкабҳо.

Ба мо шабзиндадориро
Табиат ҳамчу қисмат дод,
Шабошаб хӯрда хуни дил,
шабошаб мекунем эҷод.

Сапеда медамад алъон,
Мунаввар мешавад гардун,
Биё, андак фароғат кун,
ба осоиш бихоб акнун!

Ба болин сар бинеҳ, фардо
Сафар дар пеш, раҳ душвор.
Паи ҳалли муаммоҳо
ба рӯҳи тоза шав бедор!
Аё шоир, аё шоир,
Ба авзои ҷаҳон нозир!





**_Саидризо Муҳаммадӣ_**
**_(Афғонистон)_**

## ЛАБҲОИ ТУ МАЛЕҲТАРИНИ ТАКАЛЛУМАНД

Саррехт шуъла, ишқу ҳазар ғайри мумкин аст,
Бовар кун, аз дари ту сафар ғайри мумкин аст.
Ман бо ту зода гаштааму рушд кардаам,
Дил бастанам ба ҷой дигар, ғайри мумкин аст.
Имрӯз вориси пари товус килки мост,
Имрӯз, ки қазову қадар ғайри мумкин аст.
Овози субҳ дар фироқи сукри ғурбат аст,
Моҳ уфтода, гашту гузар ғайри мумкин аст.
Аз диди ошиқон ту саропо латофатӣ,
Бо лутфи ту ҳабову ҳадар ғайри мумкин аст.
Лабҳои ту малеҳтарини такаллуманд,
Аз он малеҳ ғайри шакар ғайри мумкин аст.
Мавлои Балх - марҳамати шеъри форсӣ -
Он мумкине, ки ҳал шуда дар ғайри мумкин аст.
Фармудамон бизоати ҳусни ғазал кам аст,
Баъд аз дил имтидоди хабар ғайри мумкин аст.
Ин мумкинот ҳеҷ надорад зи мумкинот,
Ин ҷо ҳама, чӣ хайру чӣ шарр, ғайри мумкин аст.
Субҳи ту пеши аҳли назар ғайри мумкин аст,
Саррези зиндагист, ки сар ғайри мумкин аст.

Ин дашнаҳо ба сина ба занг уфтодаанд,
З-ин бештар маҷоли дигар, ғайри мумкин аст.
Ин боғи дил ба роҳи ту чандин сипурдаро,
Ҷуз сояи ту ҳар чи самар, ғайри мумкин аст.
Толеъ шав, ин ки аҳли замин мултафит шаванд,
Толеъ агар аҷиб, агар ғайри мумкин аст.
Чизе бигӯй, теғ бихон, ҷонамон бихоҳ,
Чизе бигӯ, сукут дигар ғайри мумкин аст.
Шояд зи хобу хӯр бишавад чорае, вале
Аз ҷустани ту сарфи назар ғайри мумкин аст.
Ту охир масири садой, тамаввуҷӣ
Чизе, ки дар хаёли башар ғайри мумкин аст...
Шояд шабонгаҳон ҳамаро тор кардааст,
Аммо, кӣ гуфтааст саҳар ғайри мумкин аст?!





***В.И. Чуйков, Маршали Иттифоқи Советӣ,***
***ду карат Қаҳрамони Иттифоқи советӣ***

Ман аз аввал то охири муҳорибаи шадиди Сталинград иштирок намудам. Вақте бо достони “Суруши Сталинград”-и шоири тоҷик Муъмин Қаноат ошно шудам, итминон ҳосил кардам, ки ӯ шуҷоату мардонагии ҷанговарон ва сокинони шаҳри дар муҳосирабуда, дӯстию рафоқати халқҳои шӯравиро ҳамчун асоси ғалаба бар фашизм бисёр воқеъбинона тасвир намудааст, ҳарчанд худи муаллиф иштирокчии бевоситаи ҷанг нест. Ин аст маҳорати шоири боистеъдод. Достони ӯ барҳақ ба ҳама мукофот сазовор аст. Аз ҳама муҳиммаш он наслҳои навро ба ватандӯстӣ ва омодагӣ ба дифои мамлакатамон ҳидоят мекунад.

❖ ❖ ❖

***Роберт Рождественский, шоир (Русия)***

Муъмин Қаноат ... ба ғайри бори солҳои зиндагӣ боз бори шаҳомати кӯҳҳои барфпӯши тоҷик, рангҳои назаррабои водиҳои Тоҷикистон, бори роҳҳои дуродур, истиқболу ҳаҷр, хастагиву илҳом, ғазабу назокат, комёбӣ ва нобаробариро ба дӯши худ кашидааст.

***Муҷиб Меҳрдод, шоир (Афғонистон)***

Устод Қаноат яке аз шиносаҳои фарҳанги Тоҷикистон ва бунёнгузори шеъри нави Тоҷикистон аст.

❂ ❂ ❂

***Доктор Алиасғари Шеърдӯст, муҳаққиқ (Эрон)***

Дар ҳақиқат шеъри Муъмин Қаноат ҳамонанди шахсияти ӯст, асил, бомаҳобат, орому амиқ ва ба ҳангоми зарурат мамлӯ аз шӯру шавқу ҳамоса. Забони шеъри устод Муъмин Қаноат имрӯзӣ аст ва доираи вожагоне, ки дар сохтмони шеъри хеш ба кор гирифта мутанаввеъ. Манзумаҳои баланди вай намоёнгари тавоноӣ ва иқтидори шоир дар бакоргирии қолабҳои шеъри куҳан ҷиҳати халқи мазомини ҷадид аст.

❂ ❂ ❂

***Ахиёр Ҳакимов, нависанда (Бошқирдистон)***

Мирзо Турсунзода таъкид мекард, ки нисбат ба адибони ҷавон ғамхор бошем, бисёр муҳим аст, ки бо ҷавонони навмашқи боистеъдод диққату таваҷҷуҳи доимӣ диҳем. «Худатон ба Муъмин чӣ хел ғамхорӣ мекунед?» – пурсидам ман. Анвар Олимҷонов бошад ба ҷавоб мунтазир нашуда гуфт, ки Муъмин валиаҳди салтанати шеъри тоҷикист. Аз ин шӯхӣ Мирзо Турсунзода бисёр завқ карду дарҳол гуфт, ки барои «унвони салтанатӣ» қадаҳ бардоштан лозим аст.





***Геннадий Средин (Бошқирдистон)***

Тамоми достони М. Қаноат лабрези пафоси олии гражданист… Достони «Сурӯши Сталинград»-и Муъмин Қаноат ҳодисаи намоён ва махсусест дар назми адабиёти бародар… Ин достон бозу боз ба мо аҳамияти нотакрори таърихии қаҳрамонии бузурги халқи советиро дар солҳои мубориза ба муқобили фашизм ёдрас мекунад ва шубҳа надорам, ки дар дили хонандагон маъво хоҳад ёфт.

❂ ❂ ❂

***Виталий Коротич, нависанда (Украина, ИМА)***

Ман кайҳо боз ба эҷодиёти Муъмин Қаноат ошно ҳастам ва ӯро дӯст медорам. Маро достони дӯсти тоҷикам ба ҳаяҷон овард ва вусъати истеъдоду масъулиятшиносиаш хурсанд кард, ки мавзӯи барои ҳар яки мо муқаддасро мавриди таъсир қарор додааст.

❂ ❂ ❂

***Е. Уманская, мунаққид (Қазоқистон)***

Дар миёни асарҳои қаторие, ки дар бораи Ҷанги Бузурги Ватанӣ навишта шудаанд, достони «Сурӯши Сталинград» куллан имтиёз дорад… Достони «Сурӯши Сталинград», ки лабрези энергияи ҳиссиёти ҷӯшон аст, аз лиҳози банду баст симфонияро ба ёд меорад. Достон гӯё чун симфония тасниф шудааст – дар он сурушҳо зиндагиву амал мекунанд. Ҳар як суруш

*Ба чашмам медурахшид оташи Зардушт дар соғар,*
*Ба дасти духтари пири муғон дар лаълии озар.*

дар оғоз алоҳида садо дода, сипас ҳама ба суруши ягонаи пуровоз табдил меёбанд. Ҳар як суруш афзори мусиқисту ҷамъи сурушҳо оркестр. Ҳар як суруш оғӯштаи лиризми амиқ аст, ки ҳама ҳамроҳ силсилаи симфонии ҳамосии томро ба вуҷуд меоранд.

❂ ❂ ❂

*Станислав Лесневский, мунаққид (Русия)*

Достони савганди пуровоз, достони симфония, достони ораторияи Муъмин Қаноат бо пафоси ягонаи ватандӯстӣ, байналмилалӣ ва зиддифашистии худ қавист. Тафаккури граждании бузургдошти корномаи халқ ба достон саршор эҳдо кардааст… Ҳар як суруши достон чун кохи ёдгори сарбози Сталинград афрохта шудааст.

❂ ❂ ❂

*Георгий Ломидзе, адабиётшинос (Гурҷистон)*

Достони Муъмин Қаноат «Сурӯши Сталинград» аз лиҳози хусусиятҳои бадеияш фавқулода аст ва тасаввуроти муқаррарии моро доир ба бандубаст, яклухтию ҳамбастагии нақли эпикии достон тағйир медиҳад. Ин достон на фақат комёбии барҷаста ва чашмгири адабиёти тоҷик, балки адабиёти советии сермиллат ва ҷаҳон низ ба шумор меравад.



*Кунун дар қасри Доро ҷоми Ҷамшед аст дар дастам,*
*Зи бӯи бодаю мӯи бути Шероз сармастам.*

*Муҳаммад Осимӣ, академик*

Эҷодиёти Муъмин Қаноатро хонандагон дӯст медоранд. Ва ин бесабаб нест, чунки моҳияти эҷодиёти ӯро ҷавоби масъалаҳои бисёр муҳимми муосир ташкил медиҳад. Достони «Тоҷикистон-исми ман» бо ситоиши мардони меҳнат ва шаҳомати кори онҳо имтиёз дорад, ки дар он андешаҳои шоир дар бораи роҳи паймудаи Тоҷикистон то ба дараҷаи ҷамъбасти фалсафии тантанаи сотсиализм дар гӯшаҳои вомондаи Русияи подшоҳӣ мерасад. Назми ӯ гимни махсуси корномаи меҳнатию қаҳрамонии мардуми советист.

❂ ❂ ❂

*Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ, профессор*

Нахустин дафтари шеъри Қаноат "Шарора" (1960) ном дошт, он ба хонандагон писанд омад, аҳли қалам низ хуб арзёбӣ карданд. Аз он китоб бӯи умед медамид, ки шоир сухане тоза хоҳад гуфт ва орзуву умеди мухлисони шеъри форсӣ-тоҷикиро бароварда кард: Шеър ва достонҳое суруд, ки ҳам аз назари дарунмоя, ҳам дар шакл, тозагӣ ва ҷаззобият доштанд. Ҳар як шеъри Муъмин Қаноат ба вижа достонҳои манзумаш ҳодисае дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ буданд ва ҳастанд.

***Худоӣ Шарифзода, профессор***

Мувофиқи нақли мӯйсафедон ва ҳамсиннонаш Муъминшо дар кӯдакӣ ҷуссаи қоқина, қомату дастони дарозе дошт, ки ба сабаби харобии тан дар назари аввал номутаносиб менамуданд. Ангуштони дарози панҷаҳои даст нишонае аз танумандии Баҳром, ки лақаби Чӯбинаро дошт, медоданд. Чашмони бузурги ин бача гувоҳи назари фарох ба ҷаҳон ва эҳсос кардани талаввуни табиӣ ва радду бадали авзоъ ва симоҳо буда метавонад.

❂ ❂ ❂

***Абдунабӣ Сатторзода, профессор***

Муъмин Қаноат дар шеър Заминро ба Само пайвастаасту аршро бо фарш, Моҳро бо чоҳу кори ҷаҳонро бо тори ҷаҳон – Бадахшон, соҳили фардоро бо имрӯзу имрӯзро бо фардо, Одамро бо Оламу Оламро бо Одам. Ӯ аз заминситора меҷӯяду аз само баландиҳои рӯҳи инсонро, барои ӯ гаҳвора Сайёра асту Сайёра гаҳвора, замин модари бечора асту модари муштипаре Замину Замон....Хайли аскар ахтар асту офтоб парчами инқилоб. Садои пулемёт хандаи Ахриманро мемонаду обшор ойинаро...





***Абдулҳамид Самадов, Нависандаи халқии Тоҷикистон***

Бешак, устод Муъмин Каноат номвартарин шоири ҷавони тоҷик дар солҳои 60-уми асри бист буд. Аз ибтидои роҳи эҷодӣ то нафаси охирин устод кашфиёту эъҷози тозабаёнӣ бо сабку шеваҳои нав дар шеъру достонҳоро пешаи худ қарор доданд ва ба ин содиқ монданд. Кам навиштанду зебо ва пургунҷоишу арзишманд ва бо маънии баланд. Роҳи мушкилписанду сангини эҷодӣ. Заргарӣ! Роҳе, ки шираи мағз, афкор, набзу ҳарорати дили суханварро меҷаббаду мемакад. Офаридаҳо ё маҳсули эҷодии устод бо зарбу савтиёт, салосату рангинии забон, корбасту бозии дилкаши таъбиру вожаҳо, хушобии тасвиру ҷазобияти чеҳранигорӣ, эҳсосот ва ҳарорати хоси худаш дар адабиёт падидаи тоза пазируфта шуданд.

❂ ❂ ❂

***Юсуф Акбарзода, адабиётшинос***

Пухтагии андешаю тааммуқ, тамкину хаёлангезии сухан ҷиҳати муҳимми равияи эҷодии Муъмин Қаноат аст. Минбаъд тасвири ҳолату манзаранигорӣ дар эҷодиёти Муъмин Қаноат мақоми хос пайдо кард. Зоҳирбинӣ, воқеанигорӣ ва оҳанги публисистӣ ба табиати шоирии ӯ хос нест. Муъмин Қаноат шоири андешаҳо, баёнгари ҳолатҳои қалбии инсон ва афкори амиқу хиёлангези ӯст ва дар шеъраш аз боби зиндагӣ ва қисмати инсон сухан меронад. Муъмин Қаноат аз қабили адибонест, ки шеърашон аз сарчашмаи шеъри классикӣ, шеъри кунунии форсизабонон, ашъори шифоҳии халқ ва шеъри шоирони пешқадами ҷаҳон об хӯрдааст.

*Дар ин қасри хароботе, ки Доро буду дунё буд,*
*Дирафши Ковиёнӣ найзае аз моҳ боло буд.*

***Бароти Абдураҳмон, нависанда:***

Камина аз солҳои донишҷӯӣ ба марди покраву покманиш, инсони комилу ҷӯяндаи асрори азал, эҷодкори асилу дорои илҳоми набавӣ, шоҳсутуни шеъру каломи шаст соли охири адабиёти тоҷик ва симои то охир кашфношудаи ситораи фурӯзони назми порсизабонон, устоди устодон Муъмин Қаноат ва ба шеъри баланду достонҳои фалсафию дорои чандин пардаи маънии эшон дилбастагӣ дорам.

❂ ❂ ❂

***Ҷурабек Назрӣ, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Бо тамоми масъулият мегӯям, ки имрӯз дар Тоҷикистон, дурустараш Варорӯд, дар олами шеъру андеша дар мақоми Муъмин Қаноат касеро наметавон гузошт ва ману шумо баринҳо муҳол аст имкони аз байн бурдани мақому мартаба ва "вазну тамкин"-и сухани ӯро дошта бошем. Ба қавли Гулрухсор "Агар устод Муъмин Қаноат ва мактаби устод Муъмин Қаноат намебуд, имрӯз на ман будам, на Лоиқ Шералӣ ва на Бозор Собир". Муъмин Қаноат дар воқеъ як шоири жарфандешу мутафаккири адабиёти муосири тоҷик аст.



*Хамӯшӣ дар сукути худ забон дорад,*
*Ки ҳар шохи шикаста сад фиғон дорад.*

***Абдурраҳмон Абдуманонов, адабиётшинос***

Агар аз таъкиди аҳамияти мавзӯъҳою муҳтавои шеъру достонҳои устод Муъмин Қаноат, ки мақолаву рисолаҳои бисёр дар ин хусус навишта шудаанд, бигзарем, бузургтарин ва назаррастарин хидмате, ки ӯ барои адабиёти мо, хусусан барои таҳаввули шеър кардааст, ин аст, ки баъд аз устодон Лоҳутиву Турсунзода фосилаи байни шеъри муосир ва шеъри классикии тоҷикро ба маротиб кӯтоҳ кард, риштаи пайванди шеъри гузаштагону имрӯзиёнро гиреҳи тоза зад...

❂ ❂ ❂

***Матлуба Раҳматуллоева – ҳамсари устод Муъмин Қаноат***

Мо хонаводаи устод Қаноат ба ҳамаи миллати шарифи тоҷик, роҳбарияти давлат ва ҳукумати Тоҷикистон, ки дар ин рӯзҳои сахт ғамшарики мо буданд ва бо ҳамдардию паёмҳои таслияти хеш, ба мо умеду дилгармӣ доданд ва андӯҳи моро бо худ тақсим намуданд, бениҳоят сипосгузор ҳастем. Дар ин лаҳзаҳои сахт тавони баёни фикру назаре надорам, аммо дар фурсати муносиб хотироти хешро баён хоҳам кард. Танҳо бо итминон метавонам бигӯям, ки ман дар тули 62 соли ҳаёти муштаракамон бо ин марди бузург, лаҳзае аз зиндагӣ бо ӯ пушаймон набудаам".



*Ба рӯзи марг чу тобути ман равон бошад,*
*Гумон мабар, ки маро дарди ин ҷаҳон бошад.*





*Ҷанозаам чу бубинӣ магӯ фироқ, фироқ,*
*Маро висолу мулоқот он замон бошад.*



*Фурӯ шудан чу бидидӣ, баромадан бингар,*
*Ғуруби шамсу қамарро чаро зиён бошад?*





*Маро ба гӯр супорӣ, магӯ видоъ, видоъ,*
*Ки гӯр пардаи ҷамъияти ҷинон бошад.*



*Кадом дона фурӯ рафт дар замин, ки наруст,*
*Чаро ба донаи инсон-т ин гумон бошад?*





*Туро чунон бинамояд, ки ман ба хок шудам,*
*Ба зери пои ман ин ҳафт осмон бошад.*

116



*Барои ман магириву магӯ дареғ, дареғ,*
*Ба доми дев дарафтӣ, дареғ он бошад.*

117



*Сард шуд маҳфили ушшоқ ба дарбори дарӣ,*
*Муъмини шеъри дарӣ рафт ба дарбори Худо.*

## МУНДАРИҶА


Ҷаҳон аз номи ту пур гашту ин Ҷоми Ҷаҳон холист ........ 3

Паёмҳои таслият ........ 5

*Гулрухсор.* Сеҳри сухан ........ 21
*Н. Қосим.* Чашми ҳама чашмаи Ватан тар бошад ........ 22
*К. Насрулло.* Оинаи обшори покӣ ........ 25
*А. Мирхоҷа.* Лайлайик бар болини охирати устод Муъмин Қаноат ........ 26
Муъминтар аз ӯ миёни мо нест ........ 27
*Р. Ваҳҳоб.* Шаҳодати инсон ........ 28
*А. Хуҷандӣ.* Ғазали ёд ........ 29
*Озарахш.* Дареғнома ........ 30
*С. Зарафшонфар.* Панҷ мавҷи мотам ........ 31
*Н. Суннатниё.* Дарди дил ........ 35
*Шаҳрия.* Хуршеди сухан ........ 38
Чорбаргаҳои дард ........ 39
*А. Хуҷаста.* Андӯҳи ту ҷо намешавад дар олам ........ 40
*А. Сурӯш.* Ба дидори Худо хурсандӣ ........ 42
*М. Тоҷидинӣ.* Лаъли Бадахшон ........ 43
*Б. Забеҳулло.* Эй вориси шаҳомати ин қавми бошукӯҳ ........ 45
Қаноат маҳфилорои Ватан рафт ........ 46
*Исфандиёр.* Эй Аҳурои шеъри бедорӣ ........ 47
*С. Абдулло.* Дареғо, рафтию ин шаҳр бе ту холӣ шуд ........ 48
*Н. Амриддин.* Нола кунам ........ 50
*А. Раҳмон.* Хуҷасташоири шеъри навин рафт ........ 51
*М. Давронзод.* Ҳайкал ........ 52
*Ҷ. Юсуфӣ.* Ӯ шоири шеърҳои тахтонӣ буд ........ 56
*Н. Бобо.* Тоҷикистон бувад исми ӯ ........ 57





*Р. Мукаррам.* Зиндагӣ дар ёдҳо ........ 58
*И. Саломиён.* Қандиле канда шуд аз сақфи шарарбори дарӣ ........ 60
*Б. Сугдӣ.* Падари шеъри муосир бигзашт ........ 61
*Ф. Аъзам.* Суханҳояш аз ҷинси шамшер буд ........ 63
*И. Зарифӣ.* Падари шеър зи дунё бигзашт ........ 66
*Н. Суннатӣ.* Ҷаннатмисол ........ 67
*Б. Тоҷиддин.* Охирин достонсаро бигзашт ........ 68
*А. Алавӣ.* Шеърро доди шукӯҳи бештар ........ 69
*С. Шерова.* Во дареғ, аз ин диёр як мурғи хушгуфтор рафт ........ 70
*Р. Аҷамӣ.* Масъуди ситамшикан ҳамин ҷост ........ 71
*Ш. Бадеъзода.* Бидруд! ........ 72
*Б. Баҳодур.* Ҳар он шоир, ки пайдо дар Аҷам шуд ........ 73
*Х. Нематзода.* Қуввати дил ба сухан будӣ ........ 74
*С. Муҳаммад.* Марав шоир ........ 75
*М. Масҷоҳӣ.* Аз ҷаҳони фонӣ канди мақдамат ........ 76
*А. Сангин.* Тоҷикистон, дар ғами Муъмин Қаноат гиря кун ........ 77
Аз ту оини сухан омӯхтем ........ 77
*А. Азиз.* Шоири мағрур буду шоири бедор буд ........ 78
*А. Сулаймонӣ.* Аз самои Тоҷикистон наҷми тобон рафт-рафт ........ 79
*А. Сафар.* Мӯъмин буда, ки шухрати достон шуда эҳё ........ 80
*Х. Зиёӣ.* Ганҷи Дарвоз ........ 81
*М. Хусейнзода.* Адибе бирафт ........ 82
*А. Умарзод.* Панҷи нооро ........ 83
*С. Улфатӣ.* Падарсолори назми мо зи мо рафт ........ 83
*Х. Роъун.* Тоҷикистон! Сӯги мо саршор рафт, ........ 83
*А. Хисорӣ.* Номбардори Ватан ӯ буду рафт ........ 83
*М. Масҷоҳӣ.* Аз ҷаҳони фонӣ кандӣ мақдамат ........ 84
Назари шоирон ва донишмандон ба шеър ва шахсияти
устод Муъмин Қаноат ........ 85

# БА ДИДА НАҚШИ РӮИ ТУ

Ороиши *Фарҳод Раҳимов*

Ба чопаш 02.06.2018 имзо шуд. Андозаи $60x90^{1}/_{16}$. Коғази ҷилодор.
Чопи офсет. Гарнитураи Palatino Linotype. Ҷузъи чопии шартӣ 7,5.
Теъдоди нашр 500 нусха. Супориши №202.

ҶДММ “ЭР-граф”.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: r-graph@mail.ru